| 1. Укрепление институциональной базы | Пересмотр основных нормативно-правовых актов, регулирующих деятельность предприятий-экспортеров, с тем чтобы обеспечить четкие роли, обязанности и процедуры. |
| 2. Расширение юридических полномочий | Внесение изменений и дополнений в институциональные нормы, регулирующие деятельность Агентства по экспорту при Правительстве Республики Таджикистан, с целью повышения его эффективность. |
| 3. Укрепление людских ресурсов | Использование современных методов найма работников на основе использования различных форм стимулирования. |
| 4. Обеспечение профессионального развития | Финансирование различных программ обучения персонала для их соответствия требованиям времени. |
| 5. Внедрение передовых технологий | Использование на предприятиях экспорто-ориентированной деятельности передовых технологий и новых форм организации производства. |
| 6. Налаживание сотрудничества с национальными компаниями | Развитие сотрудничества с другими национальными фирмами с целью обмена знаниями, факторами производства и передовой технологией, способствуя повышению конкурентоспособности отечественной продукции. |
| 7. Налаживание международных партнерских отношений | Формирование партнерских отношений с иностранными компаниями и инвесторами для обмена передовым опытом и привлечения инвестиционных ресурсов. |

***Источник:** Составлена автором на основе проведенного исследования.*

экономического потенциала страны и состояния мировых товарных рынков. Используя сценарии развития экономики страны в рамках Национальной стратегии развития Республики Таджикистан на период до 2030 г., обосновали три сценарии развития экспорта: «страховое развитие», «реалистическое развитие» и «оптимистическое развитие».

Для разработки сценарных расчетов нами была использована множественная регрессия, отражающая связи между независимыми переменными и одной зависимой. В качестве зависимого показателя использовался показатель ВВП из Национальной стратегии развития Республики Таджикистан на период до 2030 г., а в качестве независимых показателей X - экспорт, $X_1$ - производство промышленной продукции внутри страны, $X_2$ - производство сельскохозяйственной продукции, $X_3$ - импорт промежуточных товаров для экспорта и X4 - курс валют. С учетом коэффициентов, которые нами были подсчитаны и выведены инструментом «Регрессия» разработали прогноз развития экспорта Республики Таджикистан на ближайшую перспективу.

Согласно сценарию «реалистическое развитие», среднегодовой темп роста ВВП в период до 2030 г. составляет 6,9 %, темп роста экспорта 5,0 %. производство промышленной продукции – 7,4 %, производство сельскохозяйственной продукции 2,85 %, импорта промежуточный товаров для

экспорта 0,65 %, экспорт международных услуг - 4 и обесценение курса валют 7,3 %. Объем темпа роста экспорта во всех рассматриваемых сценариях не превышает темп роста ВВП и темп роста производства промышленной продукции. Положительный темп роста экспорта объясняется тем, что в стране уже достигнут высокий уровень удовлетворения спроса, так как за годы независимости были созданы сотни новых промышленных предприятий, что представляют потребителям широкий выбор отечественной промышленных товаров.

По второму сценарию «страховое развитие», среднегодовой темп роста ВВП в период до 2030 г. составляет 4,5 %, темп роста экспорта 3,9, производство промышленной продукции – 4,8 %, производство сельскохозяйственной продукции 1,8 %, импорта промежуточный товаров для экспорта 0,4 %, экспорт международных услуг - 6,6 и обесценение курса валют - 4,8. Низкий уровень темпа роста ВВП и объема экспорта по данному сценарию обосновывается тем, что сохранение аграрной модели развития экономики и сырьевой характер экспорта не позволяет диверсифицировать структуру экспорта. Высокая зависимость импорта не позволяет накапливать валютные фонды внутри страны. В структуре экспорта не происходят существенные изменения и основными источниками поступления иностранной валюты в страну будут оставаться экспорт хлопка волокна, алюминия, гидроэнергетики и денежные переводы мигрантов.

Согласно третьему сценарию, сценарию «оптимистическое развитие», среднегодовой темп роста ВВП в период до 2030 г. составляет 4,5 %, темп роста экспорта 7,391304, производство промышленной продукции – 9,115942%, производство сельскохозяйственной продукции 3,449275 %, импорта промежуточный товаров для экспорта 0,800725 %, экспорт международных услуг 0,927536 и обесценение курса валют 8,992754.

Данный сценарий предусматривает диверсифицированную модель развития экспорта страны, при котором страна переходит на индустриально-аграрную модель развития и параллельно с развитием экспорта сырья растет экспорт товаров с высокой добавленной стоимостью. Развитие туризма в стране положительно влияет на имидж за рубежом, способствует представлению его как поставщика экологически чистой сельскохозяйственной продукции и как производитель промышленных продукций с зеленой энергией.

Таким образом, все рассмотренные сценарии развития экспорта страны предусматривают положительный тренд развития экспортного сектора национальной хозяйства в Республике Таджикистан. При реализации сценария «реалистическое развитие» объем экспорта товаров достигает 3534,9 млн. долл. США. При реализации сценария «страховое развитие», объем экспорта к 2030 году составит 3218,8 млн. долл. США и оптимистическое развитие 4329 млн. долл. США. Дальнейшее развитие экспортного сектора должно осуществляться на основе сценария «Оптимистическое развитие». Для увеличения эффекта использования данного сценария в стране должна осуществляться разработка и принятие Стратегии ускоренного развития экспорта Таджикистана на период до

2030 гг. В рамках данной стратегии необходимо указать целевые мероприятия и инструменты для стимулирования экспорта.

## ВЫВОДЫ И ПРЕДЛОЖЕНИЯ

### Основные научные результаты диссертации.

1. Обоснована важность поддержки экспорта в условиях либерализации внешнеторговой деятельности и проанализирована ее влияние на экономический рост и благосостояние население. На основе обобщения теоретических аспектов внешнеторговой политики в диссертации раскрыто понятие «стимулирование экспорта», рассматриваются методы его применения в условиях членства в ВТО. Доказано, что государственное влияние на экспортную деятельность хозяйствующих субъектов положительно влияет на их конкурентоспособность на внешних рынках. Выявлено, что повышение степени открытости рынка товаров между развитыми и развивающимися странами привели к определенным противоречиям, связанные с неравномерным распределением выгоды либерализации между этими участниками **[1-А, 3-А]**.

2. В Республике Таджикистан со специфической особенностью ее экономики, необходимо разрабатывать эффективный механизм стимулирования экспорта, который позволяет совершенствовать структуру экспорта и повысить место готовой продукции с высокой добавленной стоимостью в нем. С учетом передового опыта зарубежных стран предлагаем принять меры по диверсификации экспорта и расширения географии экспорта за рубежом. Здесь очень важно уменьшить долю сырьевой продукции экспорта с учетом организации производства готовых изделий внутри страны, посредством эксплуатации новых производственных мощностей или обновления технологической базы существующих предприятий, которые позволяли бы производить товары, отвечающие международным стандартам **[3-А, 5-А]**.

3. Для развития финансового механизма поддержки экспорта необходимо создавать в стране реально действующий механизм экспортного кредитования на базе существующих финансовых институтов или организации нового специализированного финансового института в этом направлении. Наряду с этим с учетом опыта Республики Беларусь, который является более подходящим для Таджикистана, необходимо развивать такие финансовые инструменты поддержки экспорта, как международный лизинг и факторинг **[3-А]**.

4. Совершенствование механизма информационно-консультационного содействия экспорту, посредством повышения роли и значения Торгово-промышленной палаты Республики Таджикистан в этом аспекте или других уполномоченных министерств и ведомств страны является важным направлением стимулирования экспорта. Также немаловажным фактором стимулирования экспорта является укрепление торгово-экономического сотрудничества Республики Таджикистан со всеми странами членами ВТО с использованием имеющихся возможностей в рамках режима наилучшего благоприятствования и национального режима ВТО **[5-А, 8-А]**.

5. Большинство стран мира стимулируют экспорт в условиях членства в ВТО в основном посредством формирования благоприятного макроэкономического климата, создания необходимых условий для развития экспортоориентированного производства и его продвижения на внешних рынках. Данное направление для Таджикистана является предпочтительным, так как оно отвечает правилам регулирования торговли в рамках ВТО **[2-А, 6-А]**.

6. За годы независимости в Республике Таджикистан было разработано и реализовано значительное число законодательных и иных нормативно-правовых актов в сфере внешнеторговой деятельности, в которых важное значение отданы вопросам стимулирования экспорта. Однако предусмотренные льготы существенно не повлияли на рост экспорта страны. Необходимо в Таджикистане разработать и реализовать новую стратегию развития экспорта с определением основных целей и задач стимулирования экспортной деятельности, уточнения основных рынков сбыта отечественных товаров за рубежом и финансовых и нефинансовых инструментов поддержки **[3-А, 5-А]**.

7. Политика стимулирования экспорта должна занять важное место в системе внешнеторговой политики страны, несмотря на то, что в Республике Таджикистан экспорт рассматривается как один из основных приоритетов для экономического развития. Исходя из этого, для дальнейшего стимулирования экспорта необходимо совершенствовать систему стимулирования экспорта, принимать меры по расширению инструментов поддержки экспорта, которые реально способствуют росту экспорта товаров и услуг за рубеж **[6-А, 3-А]**.

8. Для обеспечения устойчивого развития экспортной деятельности и повышения ее эффективности необходимо разработать и реализовать инновационные формы и механизмы стимулирования экспорта в рамках внешнеторговой политики страны, которые позволяют совершенствовать организационно-правовую базу регулирования экспорта. Здесь важную роль может сыграть институциональный механизм стимулирования экспорта, который должен включать все вопросы, связанные с формированием эффективной конкурентной среды для экспортеров страны, обеспечения их конкурентоспособности на внешних рынках, совершенствования инфраструктуры развития экспорта **[8-А, 6-А]**.

9. Независимо от того, что содействие экспорту на первый взгляд является ключевым фактором конкурентоспособности национальной продукции, однако, вопросы ее диверсификации требуют разработки сложных программ экономических реформ для Республики Таджикистан. Это требует активизации действий на всех уровнях организации экономических отношений, улучшения стратегического видения производителей и экспортеров, приобретения ими навыков лидерства, управления изменениями, развития сотрудничества и координации действий между всеми заинтересованными сторонами в этом направлений **[7-А]**.

**Рекомендации по практическому использованию результатов.**

Использование следующих практических рекомендаций может обеспечить эффективность и действенность использования организационно-экономического

механизма стимулирования экспорта в условиях членства Республики Таджикистан во Всемирной торговой организации.

1. Важными направлениями развития экспортного потенциала страны являются повышение инвестиционной привлекательности страны в целом и ее регионов в частности, формирование положительного имиджа ведущих товаропроизводителей страны. Также необходимо дальнейшее совершенствование нормативно-правовой базы регулирования внешнеторговой деятельности на государственном и межведомственном уровнях с учетом постоянной корректировки стратегии развития внешнеторговой деятельности страны в силу происходящих обстоятельств и трудностей на мировом рынке товаров и услуг **[6-А, 8-А]**.

2. Для Республики Таджикистан в силу особенностей развития экономики страны, избытка трудовых ресурсов внутри страны, сырьевого характера экспорта и неиспользованного потенциала промышленности, особое значение имеет разработка стратегии экспортоориентированного роста. Достижение такой стратегии вполне будет возможным посредством развития трудоемкого производства, организации всех процессов обработки сырья внутри страны, развития малого и среднего предпринимательства, использования потенциалов свободных экономических зон, развития других отраслей, не связанных с хлопком волокна и драгоценных металлов, а также всестороннее использование туристического потенциала страны и др. **[8-А, 4-А].**

3. Диверсификация экспортной деятельности играет важную роль в развитии отраслей национальной экономики и реализуется в несколько этапов. На первом этапе диверсификации экспорта в Республике Таджикистан необходимо расширить географию экспорта и находить новых потребителей произведенных товаров и услуг внутри страны. Второй этап диверсификации экспорта должен быть направлен на развитие обрабатывающей промышленности. Третьим этапом может стать стимулирование проведения работ в области инноваций, осуществления инвестиций в человеческий капитал. Правильная диверсификация экспорта способствует развитию обрабатывающей промышленности страны и позволит создать прочную инновационную базу экономики **[6-А, 5-А]**.

4. На физический объем экспорта на макроуровне влияет широкий спектр внутренних и внешних факторов, начиная с динамики внутреннего потребления и уровня загрузки производственных мощностей и заканчивая спецификой экспортных контрактов и договоренностей, направленных на стабилизацию цен на мировом рынке. В диссертации для получения более достоверной информации относительно влияния отдельных факторов на макроуровне проведен регрессионный анализ для уточнения реальной ситуации в экспортном секторе. Сумма экспорта было рассмотрено как зависимая переменная, в то время как уровень инфляции, обменный курс, приток ПИИ и ВВП Таджикистана, ВВП основных торговых партнеров были взяты в качестве объясняющих переменных. По результатам проведенного анализа сделан вывод о том, что для повышения устойчивого роста экспорта Таджикистана необходимо принимать меры по повышению конкурентоспособности экспорта посредством принятия стратегии смягчения влияния негативных факторов на динамику экспорта страны. Так как уровень инфляции и курс валюты отрицательно влияют на стоимость экспорта, правительству необходимо принимать меры по контролю за

инфляцией, поскольку последние годы темп инфляции почти переходит свое пороговое значение и делает дороже не только стоимость экспорта для иностранных потребителей, но и значительно повышает себестоимость выпускаемой экспортной продукции, что отрицательно влияет на выручку экспортеров **[7-А, 3-А]**.

5. Доказано, что экспорт является важным направлением развития внешнеэкономической деятельности Таджикистана. Стимулирование экспорта способствует экономическому росту, и его величина зависит от комплекса экономических мер, включая развитие торговых связей с большинством стран членов ВТО. Экспортная выручка является важным источником средств для выплаты внешнего долга, создания золотовалютных резервов и импорта товаров. Наряду с этим, развитие внешнеторговой деятельности страны в долгосрочной перспективе зависит не только от стимулирующих мер развития экспорта, но и от совершенствования качественного состава экспортируемой продукции. Для обеспечения более устойчивого развития экономики Республики Таджикистан целесообразно стимулировать экспорт более сложной продукции, чем сырьевые товары **[5-А, 6-А]**.

## Список опубликованных работ автора по теме диссертации

### а) Статьи, опубликованные в рецензируемых изданиях ВАК при Президенте Республики Таджикистан:

[1-А] Гулзода, Ф.М. Теоретико-методологические основы совершенствования механизма стимулирования экспорта в условиях членства в ВТО / Ф.М. Гулзода, Д.Б. Кодирзода // Вестник Таджикского национального унверситета. - Душанбе: «Сино», 2022. - № 2. – С. 13-20.

[2-А] Гулзода, Ф.М. Зарубежный опыт стимулирования экспорта в условиях членства в ВТО / Ф.М. Гулзода, Д.Б. Кодирзода // Вестник РТСУ. – 2022. - № 1 (76). – С. 26-34.

[3-А] Гулзода, Ф.М. Институциональные основы стимулирования экспортной деятельности в условиях членства Республики Таджикистан в ВТО / Ф.М. Гулзода, Д.Б. Кодирзода // Вестник РТСУ. – 2022. - № 3-4 (78). – С. 23-37.

[4-А] Гулзода, Ф.М. Анализ динамики развития экспорта Республики Таджикистан в контексте ее членства в ВТО / Ф.М. Гулзода // Вестник Таджикского национального унверситета. - Душанбе: «Сино», 2023. - № 2. – С. 110-118.

[5-А] Гулзода, Ф.М. Методы и инструменты стимулирования экспорта в условиях членства Республики Таджикистан в ВТО / Ф.М. Гулзода, Д.Б. Кодирзода // Вестник Таджикского национального унверситета. - Душанбе: «Сино», 2023. - № 2. – С. 110-118.

[6-А] Гулзода, Ф.М. Методы стимулирования экспорта в условиях членства Республики Таджикистан в ВТО / Ф.М. Гулзода, Д.Б. Кодирзода // Вестник ТГУПБП: серия общественных наук. – 2023. - № 2 (95). – С. 131-143.

[7-А] Гулзода, Ф.М. Моделирование сценариев развития экспорта Республики Таджикистан в условиях членства в ВТО / Ф.М. Гулзода, Д.Б. Кодирзода // Финансово-экономический вестник. – 2023. - № 4/1 (38). – С. 5-16.

[8-А] Гулзода, Ф.М. Основные направления совершенствования механизма стимулирования экспорта Республики Таджикистан в условиях членства в ВТО

/ Ф.М. Гулзода // Финансово-экономический вестник. – 2023. - № 4/2 (39). – С. 394-405.

**Б) Статьи, опубликованные в других изданиях:**

[9-А] Гулзода, Ф.М. Современные тенденции и необходимость стимулирования экспорта Республики Таджикистан в условиях членства в ВТО / Ф.М. Гулзода / Мат. Ежегодной Межд. научно-практ. конф. «Современные проблемы экономики и менеджмента». – Воронеж: 26.10.2022. – С. 108-113.

[10-А] Гулзода, Ф.М. Совершенствование системы поддержки экспорта в условиях членства Республики Таджикистан в ВТО / Ф.М. Гулзода / Актуальные вопросы бухгалтерского учета, анализа и аудита в современных условиях: мат. респ. научно-практ. конф. – Душанбе: «МУТПТ», 28.03. 2023. – С. 230-234.

[11-А] Гулзода, Ф.М. Тенденции стимулирования экспортной деятельности в условиях членства РТ в ВТО / Ф.М. Гулзода, Д.Б. Кодирзода / Мат. Межд. научно-практ. конф.: «XIII Ломоносовские чтения. – Душанбе: 28-29.04.2023. Ч. II. МГУ. 2023. – С. 452-458.

ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Бо ҳуқуқи дастнавис

**ВБД: 339.564**

**ГУЛЗОДА ФАРРУХ МАҲМАДШО**

# МЕХАНИЗМИ ТАШКИЛИЮ ИҚТИСОДИИ ҲАВАСМАНДГАРДОНИИ СОДИРОТ ДАР ШАРОИТИ УЗВИЯТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОЗМОНИ УМУМИҶАҲОНИИ САВДО

**АВТОРЕФЕРАТИ**
диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии
доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи
ихтисоси 6D051300 – Иқтисодиёти ҷаҳонӣ
(6D051301 - Иқтисодиёти ҷаҳонӣ)

ДУШАНБЕ – 2024

Диссертатсия дар кафедраи иқтисоди ҷаҳони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** **Қодирзода Диловар Баҳридин** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**Муқарризони расмӣ:** **Ҷумъаев Баҳовиддин Маҳмадназарович** - доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи иқтисодиёти ҷаҳони Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

**Сафаров Баҳром Гулматович** – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, ноиби ректор оид ба робитаҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

**Муассисаи пешбар:** **Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон**

Ҳимояи диссертатсия санаи «09» июли соли 2024, соати 11:00 дар маҷлиси шурои диссертатсионии 6D.КОА-004 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон баргузор мегардад: Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, маҳаллаи Буни Ҳисорак, шаҳраки донишҷӯён, бинои таълимии № 8, E-mail: shamsov@mail.ru. Тел.: 918788938.

Бо диссертатсия ва автореферат дар китобхонаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва тавассути сомонаи расмии http//www.tnu.tj шинос шудан мумкин аст.

Автореферат санаи «____» ____________ соли 2024 тавзеъ шудааст.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Шамсов И.С.

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Фаъолияти содиротии корхонаҳои ватанӣ нишондиҳандаи муҳими афзоиши рақобатпазирии кишвар дар арсаи байналмилалӣ, далели тавсеаи истеҳсолот, воситаи ҷамъ овардани захираҳои асъорӣ дар кишвар, нишондиҳандаи шуғли аҳолӣ, манбаи даромади хориҷӣ ва сарчашмаи воридсозии технологияи пешқадам ба кишвар мебошад. Дар ин асос, дар шароити узвият дар СУС, сиёсати пешбурди содирот бояд авлавияти асосии сиёсати тиҷорати хориҷии кишвар бошад. Аммо сарфи назар аз манфиатҳои эътирофшудаи содирот барои рушди иқтисодии кишвар, на ҳама корхонаҳои истеҳсолии ватанӣ дар ворид шудан ба бозорҳои хориҷӣ фаъоланд. Ба ин чунин сабабҳо, аз қабили маҳдуд будани захираҳои молиявии корхонаҳои ватанӣ, мушкилоти инфрасохторӣ, муҳити сусти институтсионалӣ, сатҳи пасти иқтидори истеҳсолӣ, сатҳи пасти рақобатпазирии маҳсулоти истеҳсолшуда ва мушкилоти ворид шудан ба бозори ҷаҳонӣ халал мерасонад. Ин маҳдудиятҳо ба рушди фаъолияти иқтисодии хориҷии корхонаҳои ватанӣ ва вуруди онҳо ба бозорҳои хориҷӣ монеъ мешаванд.

Ворид шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Созмони умумиҷаҳонии савдо (СУС) дар соли 2013 пас аз раванди музокираҳои тӯлонӣ ва печида дурнамои рушди фаъолияти иқтисодии хориҷии кишвар ва татбиқи тавофуқҳои дар рафти гуфтушунид ҳосилшударо васеъ намуд. Узвияти Тоҷикистон ба Созмони умумиҷаҳонии савдо (СУС) дар соли 2013 яке аз дастовардҳои муҳими кишвар дар ин сол аст. Тавре ки Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд намуданд: “Узвият дар СУС дастрасии соҳибкорони ватаниро ба бозорҳои молӣ ва хидматрасонии минтақавӣ ва ҷаҳонӣ осон карда, ба рушди иқтисоди миллӣ тавассути ҷалби сармояи хориҷӣ ва ҷорӣ намудани технологияҳои муосир ҷиҳати ба роҳ мондани истеҳсоли маҳсулоти хушсифат ва рақобатпазир мусоидат мекунад. …. Таъмини фаъолияти муътадили корхонаҳои саноатӣ, рушди соҳибкории саноатӣ, ҳавасмандгардонии истеҳсолкунандагони ватанӣ, таъмини рақобатпазирии мол, кор ва хизматрасонӣ ва дар ин замина таъсиси ҷойҳои нави корӣ вазифаи муҳими сохтору мақомоти давлатӣ мебошад”[1].

Агар аз як тараф, узвият дар СУС ҳамчун механизми самараноки фаъолият имкон диҳад, ки масъалаҳои гуногунҷанба дар соҳаи озодсозии фаъолияти тиҷорати хориҷӣ, беҳтар намудани фазои сармоягузории кишвар ва баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисоди миллӣ бомуваффақият ҳал карда шаванд, пас аз тарафи дигар, вай пеш аз гузаштан ба зинаи сифатан нави ҳамкорӣ рақобатро пурзур намуда, микдори баҳсҳои тиҷоратиро зиёд мекунад ва муаммоҳои нав эҷод месозад. Дар чунин шароит масъалаҳои

[1] Выступление Президента Республики Таджикистан уважаемого Эмомали Рахмона на расширенном заседании Правительства Таджикистана 15.01.2013. – Душанбе: 2013. (http: // president. tj /) (Дата обращения: 17.10.2023 года).

таъмини рақобатпазирии бахши содиротии Тоҷикистон, ки манфиатҳои бадастоварда аз озодсозии савдои хориҷӣ дар доираи СУС бештар ба он вобастаанд, аҳамияти хоса доранд.

Азбаски Ҷумҳурии Тоҷикистон кишвари хурди кушоди рӯ ба инкишоф бо суръати пасти содирот мебошад, омӯзиши механизми ташкилию иқтисодии ҳавасмандгардонии содирот аҳамияти хоса дорад. Илова бар ин, Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун субъекти комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ ва узви фаъоли СУС бояд роҳҳои иловагии баҳрабардорӣ аз ҷаҳонишавӣ ва ҳамгироии иқтисодии минтақавиро тавассути таҳия ва татбиқи тадбирҳо оид ба ҳавасмандгардонии содирот дар доираи худи корхонаҳо ва дар сатҳи хоҷагии халқ, таҳия созад.

Дар асоси ин, ба омӯзиши омилҳое, ки ба нишондиҳандаҳои содиротии кишвар таъсир мерасонанд, ба баланд бардоштани самаранокии он дар заминаи иштирок дар низоми савдои бисёрҷониба, инчунин интихоб ва истифодаи шаклҳо, воситаҳо ва фишангҳои асосии ҳавасмандгардонии фаъолияти содиротиро аз ҷониби сохторҳои давлатӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ таъмин месозанд, аҳамияти махсус дода шавад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Дар илми иқтисодӣ муаллифони ватанӣ ва хориҷӣ оид ба усулҳо ва самтҳои ворид шудан ба бозорҳои хориҷӣ, беҳтар намудани нишондиҳандаҳои содиротии корхонаҳо, инчунин нақши содирот дар рушди иқтисодиёти миллӣ таҳқиқоти зиёд гузаронидаанд. Аммо аксари ин тадқиқотҳо ба сатҳи худи корхонаҳо ё бахшҳои алоҳидаи хоҷагии халқ нигаронида шуда, масъалаҳои ҳавасмандгардонии фаъолияти содиротӣ дар шароити узвияти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар СУС то ҳол ба таври кофӣ омӯхта нашудаанд.

Ба омӯзиши баъзе муаммоҳои муайян кардани нақш ва аҳамияти сиёсати савдо дар ҳавасмандгардонии содирот дар солҳои охир дар асарҳои чунин олимон ва иқтисодчиёни хориҷӣ, аз қабили: Ҷ.Бхагвати, Ҷ.Брандер, Ҷ. Гроссман, Э. Диксит, Ҷ. Итон, П.Т. Хейн, П.Кругман, М. Обстфелд, Ф.Родригес, Д. Родрик, С. Полоник, Е.В.Хоробрих ва дигарон бахшида шудааст.

Дар навбати худ, ба масъалаҳои такмили фаъолияти савдои беруна ва рушди содирот, инчунин самтҳои асосии баланд бардоштани самаранокии он олимони зерини рус, ба монанди Г.А. Арутюнян, С.М. Вдовин, Н.В.Бибин, Т. Верещак, Н. Волчков, П.О Кузнецов, Н. Турдиев, И.Ю.Глебков, Н. Качанов, С.Г. Дембицкий, Е.С.Евдокимов, В.В.Кирсанов, Н.В. Климов, Н.В. Ларин, У. Корден, Е.Л Кривошеев, А. Кузубов, Е.Ф.Матвиенко, В.Н. Минат, Г.О. Оганисян, Е.И Сафарова, М. Стариков, Т.Н. Пономарев, Д.Н. Сирцов, Н.А.Школяр, В.Шулековский ва дигарон асарҳои худро бахшидаанд.

Аз олимони ватанӣ дар таҳияи масъалаҳои назариявӣ ва методологии ҳавасмандгардонии фаъолияти содиротӣ инҳо саҳми арзанда гузоштаанд: И.А. Асроров, У.С. Асрорзода, И.С. Ашӯров, Р.Х. Бобохонзода, Д.О.Қандиёрова, Н.Қ. Қаюмов, М.Т. Каримова, Д.Б. Қодирзода,

Р.М.Мирбобоев, Р.К. Раҳимов, Б.Г. Сафаров, Л.Х.Саидмуродов, Н.Салиева, А.А.Солеҳзода, Ҳ.У. Умаров, Т.Ҷ. Усмонова, С.Ҳ. Ҳабибов, Б.М.Ҷумаев, Ғ. Ҷӯрабоев ва ғайра.

Дар баробари ин, дараҷаи коркарди илмии масъалаҳои пешбурди содирот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити озодсозии савдои хориҷӣ ва иштирок дар низомҳои савдои бисёрҷониба асосан ба нокифояӣ ва кам будани тадқиқотҳо, инчунин набудани методологияи ягонаи таҳлили онҳо алоқаманд аст. Гузашта аз ин, самаранокии нокифояи фаъолияти содиротии корхонаҳо ва содиркунандагони ватаниро ҳама эътироф мекунанд, вале аксари тадқиқотҳои гузаронидашуда асосан масъалаҳои пешбурди содиротро бо назардошти истифодаи чораҳои протекционистӣ, ки қоидаву принсипҳои СУС вайрон мекунад, амалӣ гардидаанд ва як қатор ҷанбаҳои муҳими созишномаҳои СУС, ки имкон медиҳанд, чораҳои ҳавасмандгардонии содиротро бе вайрон кардани ӯҳдадориҳо ва созишномаҳои ба зимма гирифташуда ҳангоми шомил шудан ба СУС истифода намоянд, бе таҳлил мондаанд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ё мавзуъҳои илмӣ.** Мавзуи диссертатсия бо Барномаҳои давлатии «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», «Стратегияи рушди саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», инчунин бо нақшаи корҳои илмӣ-тадқиқотии кафедраи иқтисоди ҷаҳони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон алоқаманд аст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот.** Мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ таҳияи механизми ташкилию иқтисодии ҳавасмандгардонии содирот ва асосноккунии роҳҳои такмили он дар шароити узвияти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Созмони умумиҷаҳонии савдо мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Дар доираи ин таҳқиқоти диссертатсионӣ вазифаҳои зерин гузошта ва ҳал карда шуданд:

- асосҳои назариявии механизми ташкилию иқтисодии ҳавасмандгардонии содиротро дар шароити узвият дар СУС таҳқиқ намуда, мафҳуми муаллифии «механизми ташкилию иқтисодии ҳавасмандгардонии содирот» пешниҳод намудан;
- ошкор намудани заминаҳои институтсионалии ҳавасмандгардонии фаъолияти содиротӣ дар шароити узвияти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар СУС;
- таҳлили вазъи кунунӣ ва тамоюлҳои рушди фаъолияти содиротӣ дар шароити узвияти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар СУС;
- асоснок намудани самтҳои стратегии ҳавасмандгардонии содирот дар шароити узвияти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар СУС;
- таҳияи тавсияҳои илмӣ-амалӣ оид ба такмили шаклу воситаҳои механизми ҳавасмандгардонии содирот дар шароити узвияти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар СУС ва алгоритми такмили асосҳои институтсионалии фаъолияти корхонаҳои содиркунандаи молу хизматрасониҳои ватанӣ;

- пешгӯии тамоюлҳои содиротии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шартҳои сенариявии рушди он дар заминаи озодсозии минбаъдаи фаъолияти савдои хориҷӣ дар доираи СУС.

**Объекти таҳқиқот** бахши содиротии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла, шаклу воситаҳои дастгирии он дар шароити узвият дар СУС мебошад.

**Мавзуи (предмети) таҳқиқот** низоми муносибатҳои иқтисодие мебошад, ки дар раванди ҳавасмандгардонии бахши содиротии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити озодсозии фаъолияти тиҷорати хориҷӣ дар доираи СУС ба вуҷуд меоянд.

**Фарзияи таҳқиқот** аз он иборат аст, ки андешидани тадбирҳои ҳавасмандгардонии содирот рақобатпазирии содиротро афзоиш дода, сохтори онро гуногунсамт ва ҷуғрофияи бозорҳои фурӯши онро васеъ намуда, ба корхонаҳои ватанӣ имкон медиҳад, ки ба бозорҳои нави фурӯши молу хизматрасонӣ ворид шаванд.

**Асосҳои назариявии таҳқиқотро** Паёмҳои Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, асарҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ, ки ба таҳия ва татбиқи сиёсати савдои хориҷӣ, инчунин рушди истеҳсолоти ба содирот нигаронидашуда бахшида шудаанд, маводи иттилоотии расмии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии содироти назди Хукумати Чумхурии Точикистон. Тоҷикистон, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳисоботи солонаи корхонаҳои бузурги содиротӣ, Портали савдои Тоҷикистон, стратегияҳои давлатии рушди кишвар, ки ба дастгирии содирот ва ивазкунандаи воридот дар кишвар нигаронида шудаанд, инчунин маводи конференсияҳои республикавӣ ва байналмилалӣ, семинарҳо, мизҳои мудаввар оид ба масъалаҳои ҳавасмандгардонии фаъолияти содирот, ташкил медиҳанд.

**Асосҳои методологии таҳқиқотро** усулҳо ва роҳҳои азхудкунии донишҳои илмӣ ташкил медиҳанд. Таҳқиқот ба истифодаи маҷмӯи усулҳои умумиилмии таҳлил ва синтез, индуксия ва дедуксия, пайвастагии усулҳои таърихӣ, мантиқӣ ва моделсозии сенариявӣ, гурӯҳбандӣ ва усулҳои махсус асос ёфтааст. Методикаи таҳқиқот ба муносибати мунтазам ва комплексии омӯзиши нишондиҳандаҳои иқтисодии фаъолияти савдои хориҷӣ дар умум, инчунин бо омӯзиши бештари самтҳои алоҳидаи он, ба монанди содироти мол ва хизмат, асос ёфтааст.

**Сарчашмаи маълумот** аз истифодаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи танзими фаъолияти савдои хориҷӣ, ҳамгирой ба иқтисоди ҷаҳонӣ ва иштирок дар фаъолияти ташкилотҳои тиҷорати байналмилалӣ иборат аст. Барои муайян намудани самтҳои стратегии рушди содироти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030”, “Барномаи давлатии рушди содирот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-

2025” ва “Стратегияи рушди саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» истифода гардидааст. Инчунин маълумот аз маҷмӯаҳои омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва маълумотҳои омории захираҳои кушодаи интернетии Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода шудааст.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Диссертатсия дар кафедраи иқтисоди ҷаҳони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон солҳои 2020-2023 иҷро шудааст.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Дар диссертатсия оид ба таҳияи механизми ташкилӣ-иқтисодии ҳавасмандгардонии содирот ва асосноксозии роҳҳои такмили он дар шароити узвияти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Созмони умумиҷаҳонии савдо натиҷаҳои илмӣ ба даст оварда шудааст.

Муҳимтарин натиҷаҳои назариявӣ ва методии таҳқиқот, ки дорои унсурҳои навгонии илмӣ мебошанд, инҳоро дар бар мегиранд:

- асосҳои назариявии механизми ташкилӣ-иқтисодии ҳавасмандгардонии содирот дар шароити узвияти СҶТ омӯхта шуда, таърифи муаллифии мафҳуми он ҳамчун категорияи иқтисодие пешниҳод шудааст, ки маҷмӯи муносибатҳои субъекту объектиро инъикос намуда, шаклҳо, принсипҳо, усулҳо ва воситаҳои табъизи дастгирии содирот, ки аз ҷониби муассисаҳои давлатӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ дар доираи санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда, роҳандозӣ карда шуда, имкон медиҳанд, ки субъектҳои хоҷагидорро барои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти содирот ҳавасманд гардонида, барои ноил шудан ба тавозуни мусбати тиҷоратии содиротии Ҷумҳурии Тоҷикистон нигаронида шаванд;

- заминаи институтсионалии ҳавасмандгардонии фаъолияти содиротӣ дар шароити узвияти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар СУС мушаххас карда шуда, аниқ карда шуд, ки имтиёзҳое, ки дар санадҳои қонунгузорӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи фаъолияти тиҷорати хориҷӣ дар солҳои истиқлол пешбинӣ шудаанд ба афзоиши ҳаҷми содироти мамлакат ва гуногунҷабҳасозии сохтори он чандон таъсир нарасонидааст. Тартиби аз ҷиҳати илмӣ асосноки ҷорӣ намудани шаклҳо ва механизмҳои инноватсионии дастгирии содирот, ки ба мақоми афзалиятноки миллӣ ва низоми миллӣ дар доираи сиёсати савдои хориҷии кишвар мухолифат намекунанд ва имкон медиҳанд, ки заминаи институтсионалии танзими содирот такмил дода шавад, пешниҳод карда шудааст;

- таҳлили ҳолат ва тамоюлҳои рушди фаъолияти содиротӣ дар шароити узвияти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар СУС гузаронида шуда, маълум карда шуд, ки содироти молҳо аз Ҷумҳурии Тоҷикистон ба имкониятҳои захиравии мавҷудаи кишвар ва ҷойгиршавии мусоиди ҷуғрофии он чандон мувофиқ нест. Мушкилоте, ки ба беҳбудшавии назарраси сохтори содироти Тоҷикистон пас аз узвият дар СУС монеъ мешаванд, муайян карда шуда, тадбирҳо оид ба таҳияи механизми мутобиқсозии истеҳсолкунандагони

маҳсулоти миллӣ ба шароити СУС ва таҳлили доимии сатҳи омодагии субъектҳои хоҷагидорӣ ба шароити нави иқтисодӣ, пешкаш гардадааст;

- самтҳои стратегии ҳавасмандгардонии содирот дар шароити узвияти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар СУС муайян карда шудаанд, ки такмили шаклҳои институтсионалии дастгирии содирот, расонидани ёрии иттилоотӣ, машваратӣ, молиявӣ, технологӣ ва кадрӣ ба содиркунандагон, кӯмак ба содирот барои пешбурди маҳсулот дар кишварҳои хориҷӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти содиротӣ, рушди занҷираи таъминот ҳам дар дохили кишвар ва ҳам дар хориҷи он, ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ, беҳтар намудани сифати инфрасохтори истеҳсолӣ, ташаккули кластерҳои содиротӣ дар кишвар ва имиҷи мусбати ширкатҳои ватанӣ дар хориҷи кишвар ва ғайраро дарбар мегиранд;

- тавсияҳои илмию амалӣ оид ба такмили шакл ва воситаҳои механизми ҳавасмандгардонии содирот дар шароити узвияти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар СУС асоснок карда шуда, алгоритми такмили асосҳои институтсионалии фаъолияти корхонаҳои содиркунандаи молу хизматрасониҳои ватанӣ пешниҳод шудааст, инчунин тадбирҳо оид ба гуногунҷабҳа намудани содирот, баланд бардоштани рақобатпазирии он ва васеъ намудани ҷуғрофиёи содироти молу хизматрасонӣ ба хориҷи кишвар бо мақсади ба даст овардани тавозуни мусбии пардохти кишвар таҳия гардидаанд;

- рушди бахши содиротии Тоҷикистон дар давраи дарозмуддат пешгӯӣ гардида, шароити рушди сенариявии он дар заминаи ҳамгироии минбаъдаи Тоҷикистон ба низоми иқтисодии ҷаҳон (“рушди суғуртавӣ”, “рушди воқеӣ» ва «рушди оптималӣ»), бо назардошти тағйироти муҳим дар иқтисоди кишвар, самтҳои сиёсати иқтисодии хориҷии кишвар, инчунин Барномаи давлатии рушди содироти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 ва Стратегияи миллии рушди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 муайян карда шудааст.

**Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

- асосҳои назариявии омӯзиши механизми ташкили-иқтисодии ҳавасмандгардонии содирот дар шароити узвият дар СУС ва таърифи муаллифи он;

- заминаҳои институтсионалии ҳавасмандгардонии фаъолияти содиротӣ дар шароити узвияти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар СУС;

- тамоюлҳои рушди фаъолияти содиротӣ дар шароити узвияти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар СУС, мушкилоти асосии рушди соҳаи иқтисоди хориҷӣ ва роҳҳои ҳалли онҳо;

- самтҳои стратегии ҳавасмандгардонии содирот дар шароити узвияти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар СУС;

- тавсияҳои илмию амалӣ оид ба такмили шакл ва воситаҳои механизми ҳавасмандгардонии содирот дар шароити узвияти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар СУС, инчунин алгоритми такмили асосҳои институтсионалии фаъолияти корхонаҳои содиркунандаи молу хизматрасониҳои ватанӣ;

- пешгӯии рушди бахши содиротии Тоҷикистон дар давраи дарозмуддат дар асоси сенарияҳои гуногуни ҳамгироии минбаъдаи иқтисодиёти Тоҷикистон ба низоми иқтисодии ҷаҳонӣ.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** бо имконияти истифодаи натиҷаҳои бадастомада аз ҷониби мақомоти давлатӣ ҳангоми таҳияи барномаҳои рушди бахши содирот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми таҳияи стратегияи рушди соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёти кишвар, такмили заминаи институтсионалии рушди фаъолияти савдои берунии корхонаҳои ин соҳа, инчунин имконияти истифодаи онҳо ҳамчун маводи лексионӣ.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқотро** таҷрибаҳо, эътимоднокии маълумот, ҳаҷми кофии маводи таҳқиқотӣ, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот ва нашрияҳо тасдиқ мекунанд. Хулоса ва тавсияҳо ба таҳлили илмии натиҷаҳои тадқиқоти назариявӣ ва таҷрибавӣ асос ёфтаанд.

Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисоси доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051300 – Иқтисодиёти ҷаҳонӣ (6D051301 - Иқтисодиёти ҷаҳонӣ)-и КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат мекунад: 3. Тақсимоти байналмилалии меҳнат ҳамчун нерӯи ҳаракатдиҳандаи инкишофи робитаҳои умумиҷаҳонии истеҳсолӣ, инвеститсионӣ, молиявию қарзӣ, илмию техникӣ, тиҷоратӣ ва ғайра. 9. Созмонҳои иқтисодии байналмилалӣ, нақши онҳо дар танзими иқтисодиёти ҷаҳон. Иштироки Тоҷикистон дар раванди мазкур. 11. Тиҷорати байналмилалӣ ва механизмҳои танзими он. 17. Бозори ҷаҳонии молу хадамот: тамоюлоти рушд, сохтори соҳавӣ ва ширкатӣ. Ташкил ва техникаи тиҷорати байналмилалӣ. 18. Стратегияҳои муосири бозорӣ ва нақши онҳо дар инкишофи мубодилаи байналмилалӣ. Ҷанбаҳои методии рақобатпазирии байналмилалӣ. Шакл ва усулҳои рақобат дар бахшҳои алоҳидаи бозори ҷаҳонӣ. 26. Манфиатҳои иқтисодии хориҷии Тоҷикистон дар бозори ҷаҳонӣ ва дар муносибат бо кишварҳои алоҳида ва гурӯҳи кишварҳо. Проблемаҳои геоиқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, афзалиятҳои стратегии он ва дурнамои фаъолияти иқтисодии хориҷӣ. 28. Роҳҳо ва шаклҳои ҳамгироии Тоҷикистон ба низоми робитаҳои хоҷагии ҷаҳонӣ. Вижагиҳои фаъолияти иқтисодии хориҷӣ дар сатҳи корхонаҳо, соҳаҳо ва минтақаҳо. 29. Иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тақсимоти байналмилалии меҳнат. Ташаккул ва дурнамои рушди иқтидори содиротӣ ва эҳтиёҷоти воридотии иқтисодиёти Тоҷикистон. Имкониятҳои беҳтарсозии махсусгардонии истеҳсолии байналмилалии Тоҷикистон.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Ҳамаи марҳалаҳои иҷрои нақшаи кори диссертатсионӣ: таҳияи мавзӯъ, асосноккунии аҳамияти он, мақсад ва вазифаҳои кор бо иштироки бевоситаи муаллиф анҷом дода шудаанд. Муаллиф дар омӯзиши асосҳои назариявӣ ва методии механизми ташкилию иқтисодии ҳавасмандгардонии

содирот ва роҳҳои такмили он дар шароити узвият дар СУС, баҳодиҳии ҳолати кунунӣ ва тамоюли рушди бахши содирот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, муайян намудани самтҳои асосии ҳавасмандгардонии содирот дар доираи иштироки кишвар дар низоми тиҷорати бисёрҷониба саҳм гузоштааст.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Хулоса ва натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсия дар конференсияҳои илмию амалии байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ, байнидонишгоҳӣ ва семинарҳои илмии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон санҷида шуданд.

Муқаррароти назариявӣ ва амалии рисола дар раванди таълим ҳангоми таълими курсҳои «Иқтисоди ҷаҳонӣ», «Муносибатҳои байналмилалии иқтисодӣ», «Савдои хориҷӣ» ва «Сиёсати савдои хориҷӣ» дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон истифода шудаанд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссетатсия.** Доир ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ 11 мақолаи илмӣ, ки ҳаҷми умумии онҳо 8,4 ҷ.ч. буда, аз онҳо 8 мақола дар нашрияҳои илмии тавсияшудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гадидааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб, ки 8 зербобро дарбар мегирад, хулосаю пешниҳодҳо ва рӯйхати адабиёт иборат аст. Ҳаҷми умумии диссертатсия аз 185 саҳифа иборат буда, дорои 15 ҷадвал, 11 расм ва 5 диаграмма мебошад. Рӯйхати адабиёти истифодашуда аз 188 номгӯй иборат аст.

## МОҲИЯТИ АСОСИИ ТАҲҚИҚОТ

**Дар муқаддима,** аҳамияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ асоснок карда шуда, дараҷаи таҳияи он арзёбӣ гардида, объект ва мавзуи (предмет) таҳқиқот, мақсад ва вазифаҳои он, асосҳои назариявӣ ва методологӣ, фарзияи корӣ, навгониҳои илмӣ, нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, инчунин аҳамияти назариявӣ ва амалии он, муайян шудаанд.

Дар боби якум, **«Асосҳои назариявӣ-методологии таҳқиқи механизми ташкилию иқтисодии ҳавасмандгардонии содирот дар шароити узвият дар СУС»,** асосҳои назариявии пешбурди содирот, механизми ташкилию иқтисодии ҳавасмандгардонии содирот ва таҷрибаи хориҷии ҳавасмандгардонии содирот дар заминаи узвият дар СУС ва истифодаи он дар шароити Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

Дар шароити муосири рушди иқтисоди ҷаҳонӣ, ки дар он ба озодшавии бозорҳои миллии молу хизматрасонӣ дар доираи Созмони умумиҷаҳонии савдо ва созишномаҳои савдои минтақавӣ афзалияти аввалиндараҷа дода мешавад, вобастагии иқтисодиёти аксарияти кулли кишварҳо аз сохтори савдои берунӣ ва мавқеи онҳо дар тақсимоти байналхалқии меҳнат меафзоияд. Дар ин шароит кишварҳо манфиатҳои савдои хориҷиро арзёбӣ намуда, бо мақсади нигоҳ доштани мувозинати беруна дар бозорҳои молу хизматрасонӣ барои ҳавасмандгардонии содирот тадбирҳои гуногунро пеш мегиранд.

Аҳамияти ҳавасмандгардонии содирот дар Тоҷикистон аз талошҳои ҳукумати кишвар барои табодули иқтисодиёти миллӣ ба самти рушди инноватсионӣ-саноатӣ муайян карда мешавад ва баланд бардоштани дараҷаи кушодагии иқтисодиёт метавонад ба ҷорӣ намудани технологияҳои нав дар бахшҳои истеҳсол хоҷагии халқ мусоидат намояд. Маҳз ҷорӣ намудани технологияҳои пешрафта ва ғояҳои навоварона метавонад барои рушди босуръати саноати Тоҷикистон шароит фароҳам оварад, ки ҳадафи стратегӣ барои солҳои 2022-2026 мебошад.

Таҳлили адабиёти муосири иқтисодӣ нишон медиҳад, ки барои ошкор намудани моҳияти механизми ҳавасмандгардонии содирот равишҳои гуногун мавҷуд аст. Муносибати байни унсурҳои сохтории механизми ҳавасмандгардонии содирот, ҳадафи ниҳоӣ, принсипҳои ташаккул ва вазифаҳои он ба таври гуногун баррасӣ карда мешаванд. Дар асоси омӯзиши асарҳои илмии муаллифони гуногун мо мафҳумҳои асосии механизми ҳавасмандгардонии содиротро муайян намуда, тафсири худро таҳия намуда, онро дар ҷадвали 1 пешниҳод кардем.

**Ҷадвали 1 – Таърифҳои асосии механизми ҳавасмандгардонии содирот***

| Муаллиф | Таърифи муаллифӣ |
|---|---|
| Д.Г. Аминова | «механизми ҳавасмандгардонии содирот бояд аз низоми ба ҳам алоқаманди чораҳои гумрукӣ, маъмурӣ, иқтисодӣ, аз ҷумла, молиявӣ, ҳуқуқӣ ва ташкилӣ, иборат бошад»[1]. |
| В.Г. Афанасьева | «Механизмҳои идоракунӣ ин тадбирҳои амалӣ, воситаҳо, фишангҳо, ҳавасмандкуние мебошанд, ки тавассути онҳо мақомоти идоракунӣ ба ҷомеа, истеҳсолот, ҳама гуна низоми тартиботи ҷамъиятӣ барои ноил шудан ба ҳадафҳо ва ҳалли масъалаҳои ба зиммаашон гузошташуда таъсир мерасонанд»[2]. |
| А.М. Еремин | «Механизми идоракуниро аз нуқтаи назари объективии он, яъне дар алокамандии бевосита бо низоми қонунҳои иқтисодӣ дида баромадан мумкин аст. Онро аз нуқтаи назари шаклу усулҳои ташкилӣ ва ғайра дида баромадан мумкин аст»[3]. |
| А.Б. Борисов | «Механизми хоҷагидорӣ маҷмӯи сохторҳои ташкилӣ ва шаклу усулҳои мушаххаси идоракунӣ, инчунин меъёрҳои ҳуқуқӣ мебошанд, ки бо ёрии онҳо қонунҳои иқтисодии дар шароити мушаххас амалкунанда ва раванди такроristехсолот, амалӣ мегарданд»[4]. |
| Ю.М. Осипов: | «механизм на танҳо мазмун ва шакл, на танҳо як падида ҳамчун маҷмӯи падидаҳо, балки моҳият ва моҳияти механизм ҳадаф бо иловаи расидан ба ҳадаф мебошад»[5]. |

[1] Аминов, Д.Г. Развитие государственной поддержки промышленного экспорта Республики Таджикистан / Д.Г. Аминов // Научное обозрение. Серия 1: Экономика и право. 2012. - № 5. - С. 189.
[2] Афанасьев, В. Общество: системность, познание и управление / В. Афанасьев. – М.: Политиздат, 1981. – С. 368.
[3] Еремин, А. Отношения социалистической собственности и экономическое управление / А. Еремин. – М.: 1973. – С. 69.
[4] Борисов, А.Б. Большой экономический словарь / А.Б. Борисов. – М.: Книжный мир, 2010. – С. 798.
[5] Осипов, Ю.М. Основы теории хозяйственного механизма / Ю.М. Осипов. – М.: МГУ, 1994. – С. 24.

| Давоми Ҷадвали 1 | |
|---|---|
| **Муаллиф** | **Таърифи муаллифӣ** |
| Ф.М. Гулзода | **механизми ташкилию иқтисодии ҳавасмандгардонии содирот** маҷмӯи муносибатҳои субъектию объектиро инъикос менамояд, ки ба шаклҳо, принсипҳо, усулҳо ва фишангҳои табъизнопазири дастгирии содирот асос ёфтааст, ки аз ҷониби муассисаҳои давлатӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ дар доираи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ амалӣ карда мешаванд, ки барои ҳавасмандгардонии субъектҳои хоҷагидор дар баланд бардоштани самаранокии фаъолияти содиротӣ имкон медиҳанд ва барои ноил шудан ба тавозуни мусбати савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон нигаронида шудааст |

*** Сарчашма:** *Таҳияи муаллиф дар асоси таҳқиқоти гузаронидашуда.*

Интихоби шаклу усулҳои ҳавасмандгардонии содирот аз сатҳи рушди соҳаҳои алоҳидаи иқтисоди миллӣ, махсусан рақобатпазирии корхонаҳои саноатии кишвар, дараҷаи таъмини амнияти миллии давлат, афзалияти сиёсати савдои хориҷӣ ва вазъияти мувозинати берунӣ ва дохилии бозорҳои мамлакат вобастагӣ дорад. Ба фикри мо, шаклҳои асосии ҳавасмандгардонии содирот инҳо мебошанд: ёрӣ, дастгирӣ, ҳавасмандӣ ва мусоидат. Дар навбати худ, дар доираи ин шаклҳои ҳавасмандгардонии содирот воситаҳо ва фишангҳои гуногуни дастгирии содирот истифода мешаванд. Воситаҳои асосии ҳавасмандгардонии содирот инҳоянд: дастгирии молиявӣ, техникӣ ва таҳлилӣ, инчунин машваратҳо. Ба ғайр аз ин, ба воситаҳои ҳавасмандгардонии фаъолияти содиротӣ таъминоти молиявӣ, техникӣ ва ташкилӣ, ҳавасмандгардонии молиявӣ, кумаки молиявӣ, техникӣ ва иттилоотӣ, инчунин имтиёзҳо дохил мешаванд.

Маблағҳое, ки давлат барои дастгирии молиявии содиркунандагон ҷудо мекунад, аз ҷиҳати иқтисодӣ асосноканд. Зеро ворид шудани даромади содиротӣ ба кишвар на танҳо барои иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии берунӣ як омили зарурӣ мебошад, балки барои давлат низ нақши муҳим доранд. Дар байни тадбирҳои молиявии ҳавасмандгардонии содирот додани қарзҳои имтиёзнок ба содиркунандагон, ҷуброни онҳо барои пардохти қисми хароҷоти фоизҳои қарз, суғуртаи хавфҳои фаъолияти иқтисодии хориҷӣ, пешниҳоди субсидияҳои мустақим ва ғайримустақим, маблағгузории хароҷоти содиркунандагон ҳангоми иштирок дар намоишгоҳу ярмаркаҳои хориҷ нақши муҳим доранд (ниг.: Расми 1).

Кӯмак ва дастгирии молиявӣ воситаҳои муҳимтарини ҳавасмандгардонии фаъолияти содиротӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд. Кӯмак ва дастгирии молиявӣ метавонад на танҳо дар раванди содирот, балки дар истеҳсоли мол ва хизматрасонӣ, ки ба истеъмолкунандагони беруна нигаронида шудааст, расонида шавад. Аз ҷумла, дар истеҳсоли маҳсулоти содиротӣ давлат метавонад имтиёзҳои андозӣ диҳад, ташаккул ва рушди инфрасохтори содиротиро маблағгузорӣ намояд, ба ин корхонаҳо дар ҷалби сармояи хориҷӣ ва ғайра мусоидат намояд. Инчунин суғуртакунӣ, қарздиҳӣ, дастгирии давлатии тиҷорат дар

хориҷа ва тарбияи кадрҳо низ васеъ истифода мешавад. Дар баробари ин воситаҳо ба бисьёр субъектҳои фаъолияти иқтисодии берунӣ чунин шаклҳои




**РАСМИ 1 – МЕХАНИЗМИ ТАШКИЛИЮ ИҚТИСОДИИ ҲАВАСМАНДГАРДОНИИ СОДИРОТ ДАР ТОҶИКИСТОН*.**

*** Сарчашма: Таҳияи муаллиф дар асоси таҳқиқоти гузаронидашуда.**

ҳавасмандгардонӣ, монанди мукофотҳо ва пардохтҳои ҳавасмандгардонӣ, инчунин навъҳои гуногуни машварати молиявӣ расонида мешавад. Дар баробари ин, воситаҳои асосии ҳавасмандгардонии содирот, ки қоидаву

қоидаҳои СУС-ро вайрон намекунанд, асосан ба фаъолияти корхонаҳои содиркунанда таъсири ғайримустақим мерасонанд.

Шакли дигари маъмули пешбурди содирот таъсиси минтақаҳои махсуси иқтисодӣ барои дастгирии содирот мебошад. Дар доираи ин минтақаҳо барои корхонаю ташкилотҳое, ки бо фаъолияти иқтисодии берунӣ машғуланд, имтиёзҳои молиявӣ ва маъмурӣ дода мешаванд. Ба шарофати истифодаи низоми махсуси пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ дар чунин минтақаҳо соҳибкорони содиркунанда маҳсулотеро истеҳсол ва мефурӯшанд, ки дар бозорҳои хориҷӣ озодона рақобат мекунанд. Фаъолияти ин минтақаҳо ба ҳавасмандгардонии истеҳсолот ва шуғли аҳолӣ дар соҳаҳои махсусгардонидашудаи содирот, баланд бардоштани даромаднокии амалиёти субъектҳои савдои хориҷӣ бо асъори хориҷӣ, ҳавасмандгардонии сармоягузориҳои хориҷӣ дар ин соҳа ва ғайра нигаронида шудааст.

Интихоби фишангҳои дурусти дастгирии содирот дар Тоҷикистон тавассути таҳлили чунин таҷрибаҳои иқтисоди ҷаҳонӣ, ки ба принсипҳои СУС мухолифат намекунанд ва хусусиятҳои хоси иқтисоди Тоҷикистонро ифода мекунанд, имконпазир аст. Дар асоси омӯзиши таҷрибаи ИМА, кишварҳои Аврупо ва ИДМ ба хулосае омадем, ки дар Тоҷикистон бояд механизми муассири ҳавасмандгардонии содирот таҳия карда шавад, ки сохтори онро беҳтар намуда, маҳсулоти арзиши иловагии баланддорро дар он афзоиш диҳад. Бо дарназардошти таҷрибаи беҳтарини кишварҳои хориҷӣ пешниҳод менамоем, ки ҷиҳати диверсификатсияи содирот ва васеъ намудани ҷуғрофияи он ба хориҷи кишвар тадбирҳо андешида шаванд. Дар ин ҷо кам кардани вазни қиёсии ашъёи хоми содиршаванда бо назардошти ташкили истеҳсоли маҳсулоти тайёр дар дохили мамлакат аз ҳисоби ба кор андохтани иқтидорҳои нави истеҳсолӣ ё нав кардани базаи технологии корхонаҳои мавҷуда хеле муҳим аст, ки ин имкон медиҳад, молҳое, ки ба стандартҳои байналмилалӣ мувофиқанд, истеҳсол гардад.

**Дар боби дуюм, «Вазъи кунунӣ ва тамоюлҳои ҳавасмандгардонии фаъолияти содиротӣ дар шароити узвияти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар СУС»,** заминаи институтсионалии ҳавасмандгардонии фаъолияти содиротӣ баррасӣ гардида, таҳлили динамикаи рушди содироти Тоҷикистон ва омилҳое, ки ба рушди бахши содиротии Тоҷикистон дар шароити узвият дар СУС таъсир мерасонанд, амалӣ карда мешавад.

Дар шароити ҷаҳонишавии иқтисоди ҷаҳонӣ ҳавасмандгардонии фаъолияти содиротӣ яке аз самтҳои муҳимтарини сиёсати тиҷорати хориҷӣ буда, татбиқи вазифаҳои дар назди давлат гузошташуда оид ба диверсификатсияи содирот ва тавсеаи самтҳои он бештар аз сифати институтҳое, ки инкишофи фаъолияти иктисодии берунии мамлакатро танзим ва дастгирӣ мекунанд, вобаста аст. Ба сохторҳои асосии пешбурди содирот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомоти марказии ҳокимияти давлатӣ, вазорату идораҳои соҳавӣ, муассисаҳои молиявии давлатӣ, ташкилотҳои

ғайриҳукуматӣ, марказҳои пешбурди содирот дар ҷумҳурӣ ва кишварҳои хориҷӣ, шӯроҳои содиркунандагони миллӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва ғайридавлатӣ дохил мешаванд. Ин муассисаҳо дар ҳамкории мутақобила ҷараёнии дастгирии субъектҳои фаъолияти ийтисодии беруниро таъмин намуда, барои фаъолияти муътадили онҳо шароити мувофиқ фароҳам меоваранд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми институтҳо (санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва институтҳои ғайрирасмӣ) ва ташкилотҳои махсусгардонидашуда, ки дастгирии иқтисодии содиротро таъмин менамоянд, вазифаҳои гуногунро иҷро мекунанд, ки дар таҳқиқоти диссертатсиони мазкур муфассал мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Институти асосии дастгирии содирот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Агентии содироти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки дар асоси Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 августи соли 2018, № 396 таъсис дода шудааст. Ба ҳадафҳои асосии ин ниҳод дохил мешаванд: мусоидат ба рушди устувори миқдор ва сифати молу хизматрасониҳои содиротии истеҳсоли ватанӣ ба хориҷи кишвар, мусоидат ба афзоиши иқтидори содиротии кишвар, ҷалби харидорони мустақим. Агентии содироти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми иҷроияи марказии ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, вазифаҳои махсуси иҷроия ва дигар вазифаҳоеро, ки дар соҳаи фаъолият оид ба рушд ва пешбурди содирот муайян шудаанд, амалӣ менамояд (ниг.: Расми 2).

Мониторинги савдои хориҷии Тоҷикистон дар солҳои 2017-2022 гувоҳи он аст, ки дар ин бахши иқтисодиёт мушкилоти муайяне мавҷуд аст, ки дар доираи татбиқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 бояд ҳал карда шавад. Тавре ки Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд намуданд: «Дарояндаи наздик сиёсати давлатӣ дар соҳаи савдо ва хизматрасонӣ бояд дар се самт амалӣ карда шавад – ҳавасмандгардонии содирот, таъмини гуногунҷабҳагии истеҳсолоти ба содирот нигаронидашуда ва соддагардонии расмиёти савдо»[1].

Мушкилоти асосии фаъолияти иқтисодии берунии субъектҳои хоҷагидории иқтисоди миллӣ ин тавозуни манфии савдо мебошад, ки

[1] Послание Президента Республики Таджикистан уважаемого Эмомали Рахмона Маджлиси Оли Республики Таджикистан от 26.12.2019. – Душанбе: 2019. (http: // president. tj) (Дата обращения: 17.10.2023 года).




**Расми 2 – Асосҳои институтсионалии ҳавасмандгардонии содирот дар Тоҷикистон** (таҳияи муаллиф)

тақрибан 50 фоизро ташкил медиҳад (ниг.: Ҷадвали 2).

**Ҷадвали 2 – Савдои берунаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, млн. долл. ИМА*.**

| **Давлатҳои шарик / Солҳо** | **2017** | **2018** | **2019** | **2020** | **2021** | **2022** | **2022 / 2017, %** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Гардиши савдои хориҷӣ, ҳамагӣ** | **3972,9** | **4224,3** | **4523,7** | **4557,8** | **6359,1** | **7309,5** | **183,98** |
| Мамлакатҳои ИДМ | 2086,9 | 2348,3 | 2521,1 | 2357,9 | 3120,1 | 3870,4 | 185,46 |
| Дигар мамлакатҳои ҷаҳон | 1886,0 | 1876,0 | 2002,6 | 2199,9 | 3239,0 | 3439,1 | 182,35 |
| **Содирот, всего** | **1198,0** | **1073,3** | **1174,4** | **1406,8** | **2149,6** | **2142,0** | **178,80** |
| Мамлакатҳои ИДМ | 430,7 | 530,3 | 449,9 | 289,4 | 574,7 | 761,4 | 176,78 |
| Дигар мамлкатҳои ҷаҳон | 767,3 | 543,0 | 724,5 | 117,4 | 1574,9 | 1380,6 | 179,93 |
| **Воридот, ҳамагӣ** | **2774,9** | **3151,0** | **3349,3** | **3150,9** | **4209,5** | **5167,5** | **186,22** |
| Мамлакатҳои ИДМ | 1656,2 | 1818,0 | 2071,2 | 2068,4 | 2545,4 | 3109,0 | 187,72 |
| Дигар мамлкатҳои ҷаҳон | 1118,7 | 1333,0 | 1278,1 | 1082,5 | 1664,1 | 2058,5 | 184,01 |

** **Сарчашма:** Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. АОПҶТ. – Душанбе: 2023. - С. 312.*

Таҳлили маълумотҳои ҷадвал аз суръати бештари афзоиши воридоти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба содирот дар солҳои 2017-2022 шаҳодат медиҳад. Масалан, агар дар давраи таҳлилшуда суръати афзоиши воридот 86,22 банди фоизро ташкил дода бошад, пас афзоиши содирот аз кишвар 78,8 банди фоизро ташкил дод. Илова бар ин, қайд намудан лозим аст, ки як нуқтаи мусбат ин афзоиши зиёди содирот бо кишварҳои боқимондаи ҷаҳон (79,93 банди фоизӣ) нисбат давлатҳои ИДМ (76,78 банди фоизӣ) мебошад, дар ҳоле ки суръати афзоиши воридот аз кишварҳои ИДМ нисбат ба суръати афзоиши содирот бо ин кишварҳо тезтар аст. Дар навбати худ, таҳлили сохтори фаъолияти содиротии субъектҳои фаъолияти иқтисодии хориҷӣ нишон медиҳад, ки дар ин бахши иқтисоди миллӣ ҳануз бисёр муаммоҳои ҳалнашуда мавҷуданд.

Таҳлили маълумотҳои оморӣ гувоҳи онанд, ки дар соли 2022 ҳиссаи содирот ба кишварҳои Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё 27,1 фоизро ташкил дод. Солҳои охир дар содироти Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми кишварҳои Аврупо хеле зиёд шудааст. Агар дар соли 2017 ба кишварҳои Аврупо 21,7 банди фоизи ҳаҷми содироти Ҷумҳурии Тоҷикистон рост омада бошад, пас дар соли 2022 он то ба 24,45 банди фоизӣ афзоиш ёфтааст. Суръати баландтарини афзоиши содироти молу хизматрасонӣ ба давлатҳои берун аз Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё рост меояд, ки 197,04 банди фоизро ташкил дод. Ҳарчанд дар маҷмӯъ дар кишварҳои Иттиҳодияи Аврупо суръати афзоиши содирот 19,6 банди фоизӣ коҳиш ёфтааст. Саҳми кишварҳои Осиё дар содироти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2022 - 39,21 фоизро ташкил дод, дар ҳоле ки дар соли 2017 - 40,7 банди фоизӣ буда, суръати афзоиш 72,43 банди фоизӣ афзудааст (ниг.: Ҷадвали 3).

**Ҷадвали 3 – Динамикаи содироти Ҷумҳурии Тоҷикистон, млн. долл. ИМА*.**

| Давлатҳои шарик / Солҳо | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2022 к 2017, в % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Ҳамагӣ** | **1198,0** | **1073,3** | **1174,4** | **1406,8** | **2149,6** | **2142,0** | **178,80** |
| Мамлакатҳои ИДМ | 430,7 | 530,3 | 449,9 | 289,4 | 574,6 | 761,4 | 176,78 |
| Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё | 369,8 | 372,5 | 276 | 204,9 | 441,4 | 580,5 | 156,98 |
| Давлатҳои бурен аз Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё | 60,9 | 157,8 | 173,9 | 84,5 | 133,2 | 180,9 | 297,04 |
| Дигар давлатҳои ҷаҳон | 767,3 | 543,0 | 724,5 | 1117,4 | 1574,9 | 1380,6 | 179,93 |
| Давлатҳои Аврупо | 260,5 | 63,0 | 280,7 | 755,1 | 1014,5 | 523,8 | 201,1 |
| Давлатҳои ИА | 169,9 | 60,3 | 55,3 | 66,4 | 117,8 | 136,6 | 80,40 |
| Давлатҳои Осиё | 487,1 | 474,3 | 430,5 | 355,4 | 547,3 | 839,9 | 172,43 |
| Давлатҳои Америка | 18,9 | 5,7 | 13,2 | 6,8 | 13,0 | 0,02 | 0,11 |

* ***Сарчашма:*** *Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. АОПҶТ. – Душанбе: 2023. - С.* 313-318.

Таҳқиқот собит месозад, ки солҳои охир дар самти содироти Тоҷикистон тамоюлҳои зерин ба назар мерасанд: ҳиссаи кишварҳои Аврупоӣ дар сохтори содироти кишвар афзоиш ёфта, ҳиссаи кишварҳои Осиё кам шудааст. Ҳиссаи кишварҳои Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё ва ИДМ каме афзуда, қариб бетағйир мондааст. Шарикони асосии содиротии Тоҷикистон дар соли 2022 Швейтсария (18,1 %), Қазоқистон (22,59 %), Туркия (8,38 %), Чин (17,19 %), Узбекистон (8,32 %), Эрон (5,34 %), Афғонистон (4,94 %), Россия (4,12 %) ва Покистон (0,61 %) мебошанд. Кишварҳои номбурда 89,55 %-и содироти Тоҷикистонро ташкил медиҳанд. Аммо бояд қайд намуд, ки дар соли 2022 нисбат ба соли 2017 ҳиссаи содироти Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо дар Швейтсария (10,56 банди фоиз), Чин (14,19 банди фоиз), Узбекистон (3,52 банди фоиз) ва Русия (1,42 банди фоиз) зиёд шудааст. Коҳиши якбораи содирот аз Тоҷикистонро метавон ба кишварҳои Қазоқистон (ба - 4,51 банди фоиз), Туркия (- 11,12 банди фоиз) ва Афғонистон (- 3,36 банди фоиз) мушоҳида кард. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки беҳбудии назаррас дар сохтори содироти Тоҷикистон пас аз узвият дар СУС ҳанӯз мушоҳида нашудааст. Ин, аз як тараф, ба муддати кутоҳ будани узвияти Тоҷикистон дар СУС, аз сӯи дигар, набудани таҷрибаи корхонаҳои ватанӣ дар рақобат бо истеҳсолкунандагони пешбари ҷаҳон дар чаҳорчӯби узвияти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар СУС аст (ниг.: Ҷадвали 4).

Ҳаҷми асосии содироти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2022 ба содироти маҳсулоти маъданӣ (42,1 %), марворид ва металлҳои қиматбаҳо (25,1 %), металлҳои арзонбаҳо (14,9%), нассоҷӣ ва маҳсулоти нассоҷӣ (13,1%) рост меояд. Гурӯҳҳои маҳсулоти номбаршуда 95,2 банди дарсади содироти Тоҷикистонро ташкил медиҳанд. Қобили зикр аст, ки аз ин гурӯҳҳо дар соли 2022 ҳиссаи содироти марворид ва металлҳои қиматбаҳо нисбат ба соли 2017

**Ҷадвали 4 – Ҳиссаи шарикони асосӣ дар содироти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2017-2022 (**млн. долл. ИМА)***.**

| № | Давлатҳо / Солҳо | 2017 | | 2021 | | 2022 | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | **Сумма** | % | **Сумма** | % | **Сумма** | % |
| 1. | Швейсария | 89,4 | 7,5 | 896,7 | 41,7 | 386,8 | 18,06 |
| 2. | Казоқистон | 324,3 | 27,1 | 360,1 | 16,8 | 483,9 | 22,59 |
| 3. | Туркия | 233,2 | 19,5 | 232,2 | 10,8 | 179,5 | 8,38 |
| 4. | Чин | 35,4 | 3,0 | 159,6 | 7,4 | 368,3 | 17,19 |
| 5. | Узбекистон | 57,1 | 4,8 | 129,6 | 6,0 | 178,3 | 8,32 |
| 6. | Афғонистон | 99,6 | 8,3 | 81,1 | 3,8 | 105,9 | 4,94 |
| 7. | Россия | 32,1 | 2,7 | 72,5 | 3,4 | 88,2 | 4,12 |
| 8. | Эрон | 30,4 | 2,5 | 38,9 | 1,8 | 114,4 | 5,34 |
| 9. | Покистон | 16,7 | 1,4 | 15,2 | 0,7 | 13,1 | 0,61 |
| 10. | Дигарҳо | 279,8 | 23,2 | 163,7 | 7,6 | 223,6 | 10,45 |
| **Всего:** | | **1198,0** | **100,0** | **2149,6** | **100,0** | **2142,0** | **100,** |

* ***Сарчашма:*** *Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. АОПҶТ. – Душанбе: 2023. - С. 313-318.*

147,7 банди фоизӣ, маҳсулоти кимиёвӣ 432,1 банди фоизӣ, маҳсулоти растанӣ 141,3 банди фоизӣ, маҳсулоти маъданӣ 82,6 банди фоизӣ, пуст, чарм, маҳсулоти муина 56,0 банди фоизӣ, нассоҷӣ ва маҳсулоти нассоҷӣ 52,8 банди фоизӣ афзудааст (ниг.: Ҷадвали 5).

**Ҷадвали 5 – Содироти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи гуруҳи молҳо дар солҳои 2017-2022*.**

| Гуруҳи молҳо / Солҳо | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2022/2017, % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Ҳамагӣ** | **1198,0** | **1073,3** | **1174,4** | **1406,8** | **2149,6** | **2114,2** | **176,5** |
| маҳсулоти растанипарварӣ | 25,9 | 20,1 | 26,9 | 25,9 | 39,9 | 62,5 | 241,3 |
| маҳсулоти саноати хурокворӣ, нушокиҳо, тамоку | 5,0 | 3,8 | 5,1 | 8,8 | 7,2 | 8,2 | 164,0 |
| маҳсулоти маъданӣ | 487,1 | 544,4 | 459,3 | 275,6 | 619,4 | 889,5 | 182,6 |
| маҳсулоти саноати кимиё | 2,8 | 8,0 | 8,1 | 5,9 | 12,2 | 14,9 | 532,1 |
| пӯст, чарм, маҳсулоти мӯина | 2,5 | 2,5 | 2,7 | 2,9 | 4,1 | 3,9 | 156,0 |
| нассоҷӣ ва маҳсулоти нассоҷӣ | 181,8 | 226,4 | 200,5 | 196,3 | 279,3 | 277,8 | 152,8 |
| Марворид, металлҳои қиматбаҳо ва ғ. | 213,8 | 2,0 | 225,8 | 689,7 | 896,7 | 529,6 | 247,7 |
| мателлҳои арзонбаҳо | 229,4 | 235,4 | 218,0 | 187,0 | 266,0 | 314,4 | 137,1 |
| Мошинҳо, таҷҳизот, механизмҳо | 14,9 | 10,6 | 7,0 | 5,3 | 10,0 | 7,9 | 53,0 |
| Дигар молҳо | 34,8 | 20,1 | 21,0 | 9,4 | 14,8 | 5,5 | 15,8 |

* ***Сарчашма:*** *Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. АОПҶТ. – Душанбе: 2023. - С. 324.*

Чунин вазъият дар сохтори содироти молу хизматрасониҳо аз Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳияи механизмҳои нав ва тадбирҳои давлатиро оид ба ҳавасмандгардонии фаъолияти ба содирот нигаронидашудаи субъектҳои иқтисодии хориҷӣ тақозо менамояд.

Таҳлили нишондиҳандаҳои асосии фаъолияти иқтисодии хориҷии корхонаҳои содиркунандаи маҳсулот аз он гувоҳӣ медиҳад, ки содироти мол аз Ҷумҳурии Тоҷикистон ба имкониятҳои мавҷудаи захиравии кишвар ва мавқеъи мусоиди ҷуғрофӣ мувофиқат намекунад. Мушкилоти асосии рушди фаъолияти содиротӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон рақобатпазирии пасти маҳсулоти истеҳсолшуда, инфрасохтори логистикии суст инкишофёфта, номукаммалии низоми пешбурди молҳои ватанӣ ба бозорҳои хориҷӣ, нарасидани кадрҳои соҳибихтисос дар соҳаи маркетинги байналмилалӣ, заминаи сустинкишофёфтаи институтсионалӣ, нокифоягии захираҳои молиявӣ, фоизи баланди захираҳои қарзии низоми бонкии кишвар ва ғайраҳо мебошанд.

Дар асоси натиҷаҳои таҳлил метавон хулоса кард, ки бо мақсади афзоиши устувори содироти Тоҷикистон тадбирҳо оид ба баланд бардоштани рақобатпазирии содирот тавассути қабули стратегияи кам кардани таъсири омилҳои манфӣ ба динамикаи содироти кишвар зарур аст. Азбаски сатҳи таваррум ва қурби асъор ба арзиши содирот таъсири манфӣ мерасонад, ҳукуматро зарур аст, ки барои ҷилавгирӣ аз таваррум чораҳо андешад, зеро дар солҳои охир сатҳи таваррум аз ҳадди ниҳоии худ қариб гузаштааст ва на танҳо арзиши содиротро барои истеъмолкунандагони хориҷӣ гаронтар мегардонад, балки арзиши маҳсулоти содиршавандаро хеле зиёд мекунад, ки ин ба даромади содиркунандагон таъсири манфӣ мерасонад.

**Дар боби сеюм, «Самтҳои стратегии ҳавасмандгардонии содирот дар шароити узвияти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар СУС»,** самтҳои асосии такмили механизми ташкилию иқтисодии ҳавасмандгардонии содироти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити узвият дар СУС асоснок ва сенарияҳои пешгӯии рушди содироти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити узвият дар СУС таҳия карда шудаанд.

Самти муҳими такмили механизми ҳавасмандгардонии содирот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба андешаи мо, такмили заминаҳои институтсионалии фаъолияти корхонаҳои содиркунандаи молу хизматрасониҳои ватанӣ мебошад. Пеш аз ҳама меъёрҳои асосии конунгузориро аз нав дида баромадан ё онҳоро бо назардошти амалияи фаъолияти соҳаҳои хоҷагии халқ дар солҳои охир тағйир додан лозим аст.

Зарур аст, ки дар доираи татбиқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 механизми татбиқи Барномаи давлатии мусоидат ба содирот ва воридотивазкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030 таҳия ва амалӣ карда шавад. Илова бар ин, ҷиҳати баланд бардоштани самаранокии фаъолияти ниҳоди асосии ҳавасмандгардонии фаъолияти содиротӣ – Агентии содироти назди

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон чораҳо андешидан зарур аст. Аз ин рӯ, метавонем алгоритми зерини такмили асосҳои институтсионалии фаъолияти корхонаҳои содиркунандаи молу хизматҳои ватаниро пешниҳод намоем, ки дар кори диссертатсионӣ муфассалтар баррасӣ карда шудааст (ниг.: Ҷадвали 6).

**Ҷадвали 6 – Алгоритми такмили заминаҳои институтсионалии фаъолияти корхонаҳои содиркунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

| Давра | Хусусият |
|---|---|
| 1. Мустаҳкамсозии асосҳои институтсионалӣ | Баррасии қоидаҳои асосии танзимкунандаи савдои содиротӣ барои таъмини нақшаҳо, масъулиятҳо ва расмиёти равшан. |
| 2. Васеъ намудани ваколатҳои ҳуқуқӣ | Ворид намудани тағйироту иловаҳо ба меъёрҳои институтсионалии танзимкунандаи фаъолияти Агентии содироти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади баланд бардоштани самаранокии он. |
| 3. Мустаҳкам намудани захираҳои инсонӣ | Истифодаи усулҳои ҳозиразамони ба кор кабул кардани коргарон дар асоси истифодаи шаклҳои гуногуни ҳавасмандгардонӣ. |
| 4. Таъмини такмили ихтисос | Маблағгузории барномаҳои гуногуни омодасозии кадрҳо бо мақсади мутобиқ намудани онҳо бо талаботи замон. |
| 5. Чорӣ намудани технологиям пешкадам | Истифодаи технологияи пешқадам ва шаклҳои нави ташкили истеҳсолот дар корхонаҳои содиротӣ. |
| 6. Барқарор намудани ҳамкорӣ бо ширкатҳои миллӣ | Рушди ҳамкориҳо бо дигар ширкатҳои миллӣ ҷиҳати табодули дониш, омилҳои истеҳсолӣ ва технологияи пешрафта, мусоидат ба баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ. |
| 7. Барқарор намудани ҳамкориҳои байналмилалӣ | Ташкили шарикӣ бо ширкатҳои хориҷӣ ва сармоягузорон бо мақсади табодули таҷрибаи пешқадам ва ҷалби захираҳои сармоягузорӣ. |

***Сарчашма: Таҳияи муаллифӣ дар асоси таҳқиқоти гузаронидашуда.***

Дар баробари табдил ва такмил додани муҳити институтсионалии фаъолияти корхонаҳои содиркунанда, ки фаъолияти содиротро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳавасманд мекунанд, шаклу усулҳо ва воситаҳои дастгирии давлатии фаъолияти содиротро васеъ ва самараноктар истифода бурдан зарур аст. Дар баробари ин, давлат метавонад фаъолияти худро дар самти дастгирии молиявии корхонаҳои содиротии маҳсулоти ватанӣ бо истифода аз захираҳои молиявии Бонки содиротӣ-саноатии Тоҷикистон «Саноатсодиротбонк» фаъол созад.

Муҳимтарин ҷанбаи рушди бахши содироти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешгӯии тамоюли динамикаи он бо дарназардошти сенарияҳои гуногуни рушди он мебошад. Барои пешгӯии вариантҳои гуногуни рушди содироти кишвар бояд усули ҳисобкунии сенариявӣ истифода шавад, ки имкон медиҳад самтҳои эҳтимолии рушди содиротро пешгӯӣ кунем. Азбаски мо ба арзёбии таъсири чораҳои ҳавасмандкунӣ ба рушди содирот манфиатдорем, равиши сенария барои пешгӯии содирот мувофиқтарин аст. Ҳадафҳои асосии пешгӯии рушди соҳа аз рӯи шартҳои сенариявӣ самтҳои пешгӯии

рушди бахши содирот дар асоси иқтидори иқтисодии кишвар ва вазъи бозорҳои молии ҷаҳонӣ мебошанд. Бо истифода аз сенарияҳои рушди иқтисоди кишвар дар доираи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 се сенарияи рушди содирот асоснок карда шуд: “рушди суғуртавӣ”, “рушди воқеӣ” ва “рушди оптимистӣ”.

Барои таҳияи ҳисобҳои сенариявӣ, мо регрессияи сершуморро истифода бурдем, ки муносибатҳои байни тағирёбандаҳои мустақил ва як тағирёбандаи вобастаро инъикос мекунад. Нишондиҳандаи ММД аз Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ҳамчун нишондиҳандаи вобастагӣ истифода шуда, X – содирот, X1 – истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар дохили кишвар, X2 – истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, X3 - воридоти молҳои ашёгӣ барои содирот ва X4 - қурби асъор ҳамчун нишондиҳандаҳои мустақил истифода шуданд. Бо дарназардошти коэффитсиентҳое, ки мо бо истифода аз фишанги «Регрессия» ҳисоб ва ҳосил кардем, мо дурнамои рушди содироти Ҷумҳурии Тоҷикистонро бароиояндаи наздик таҳия кардем.

Мутобиқи сенарияи «рушди воқеӣ» суръати миёнаи солонаи афзоиши ММД дар давраи то соли 2030 6,9 %, суръати афзоиши содирот 5,0 %, маҳсулоти саноат 7,4 %, маҳсулоти хоҷагии қишлоқ 2,85 %, воридоти молҳои ашёгии содирот 0,65 %, содироти хизматрасониҳои байналхалқӣ 4 %, беқурбшавии асъор 7,3 фоизро ташкил дод. Суръати афзоиши содирот дар ҳамаи сенарияҳои баррасишуда аз суръати афзоиши ММД ва суръати афзоиши махсулоти саноат зиёд нест. Суръати мусбати афзоиши содирот бо он шарҳ дода мешавад, ки кишвар аллакай ба сатҳи баланди қонеъ гардонидани талабот ноил шудааст, зеро дар солҳои истиқлолият садҳо корхонаҳои нави саноатӣ бунёд гардидаанд, ки ба истеъмолкунандагон интихоби васеи молҳои саноатии ватаниро пешкаш мекунанд.

Тибқи сенарияи дуюм, «рушди суғуртавӣ», суръати миёнаи солонаи афзоиши ММД дар давраи то соли 2030 4,5 фоиз, суръати афзоиши содирот 3,9 фоиз, маҳсулоти саноатӣ 4,8 фоиз, маҳсулоти кишоварзӣ 1,8 фоиз, воридоти ашёҳо барои содирот 0,4 фоиз, содироти хизматрасонии байналмилалӣ 6,6 ва беқурбшавии асъор 4,8 фоизро ташкил дод. Сатҳи пасти суръати афзоиши ММД ва ҳаҷми содирот дар ин сенария бо он асоснок карда мешавад, ки нигоҳ доштани модели аграрии рушди иқтисодӣ ва ашёи хоми содирот имкон намедиҳад, ки сохтори содирот гуногунҷабҳа карда шавад. Вобастагии зиёд аз воридот имкон намедиҳад, ки маблағҳои асъорӣ дар дохили кишвар ҷамъ шаванд. Дар сохтори содирот тағйироти ҷиддие ба назар намерасад ва манбаи асосии воридоти асъори хориҷӣ ба кишвар содироти нахи пахта, алюминий, гидроэнергетика ва интиқоли маблағҳои муҳоҷирон боқӣ мемонад.

Тибқи сенарияи сеюм, сенарияи «рушди оптимистӣ», суръати миёнаи солонаи афзоиши ММД то соли 2030 4,5 фоиз, суръати афзоиши содирот 7,391304 фоиз, маҳсулоти саноатӣ 9,115942 фоиз, маҳсулоти кишоварзӣ

3,449275 фоиз, воридоти молҳои ашёгӣ барои содирот 0,800725 фоиз, содироти хизматрасониҳои байналмилалӣ 0,927536 ва беқурбшавии асъор 8,992754 мебошад. Ин сенария модели гуногунҷабҳасозии рушди содироти кишварро пешбинӣ мекунад, ки дар он кишвар ба модели индустриалӣ-аграрии рушд мегузарад ва дар баробари рушди содироти ашёи хом содироти молҳои дорои арзиши иловашуда меафзояд. Рушди сайёҳӣ ба обрӯи он дар хориҷи кишвар таъсири мусбӣ расонда, муаррифии он ҳамчун таъминкунандаи маҳсулоти кишоварзии аз ҷиҳати экологӣ тоза ва истеҳсолкунандаи маҳсулоти саноатӣ бо энергияи сабз мусоидат мекунад.

Ҳамин тариқ, тамоми сенарияҳои баррасишудаи рушди содироти кишвар тамоюли мусбати рушди бахши содиротии иқтисоди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистонро пешбинӣ мекунанд. Дар сурати амалӣ шудани сенарияи “рушди воқеӣ” ҳаҷми содироти маҳсулот ба 3534,9 млн. доллари ИМА мерасад. Дар сурати амалӣ шудани сенарияи “рушди суғуртавӣ” ҳаҷми содирот то соли 2030 3218,8 млн. долл. ИМА ва “рушди оптимистӣ” 4329 млн.долл. ИМА-ро ташкил медиҳад. Рушди минбаъдаи бахши содирот бояд дар асоси сенарияи “рушди оптимистӣ” сурат гирад. Барои баланд бардоштани самараи истифодаи ин сенария кишвар бояд Стратегияи рушди босуръати содироти Тоҷикистонро барои давраи то соли 2030 таҳия ва қабул кунад. Дар доираи ин стратегия бояд фаъолиятҳои мақсаднок ва воситаҳои ҳавасмандгардонии содирот нишон дода шаванд.

## ХУЛОСАҲО

**Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия.**

1. Аҳамияти дастгирии содирот дар шароити либерализатсияи фаъолияти савдои хориҷӣ асоснок карда шуда, таъсири он ба рушди иқтисодиёт ва некӯаҳволии аҳолӣ таҳлил гардидааст. Дар диссертатсия дар асоси таҳлили умумияти ҷанбаҳои назариявии сиёсати савдои хориҷӣ мафҳуми «ҳавасмандгардонии содирот» ошкор ва усулҳои татбиқи он дар шароити узвият дар СУС баррасӣ шудааст. Асоснок шудааст, ки таъсири давлат ба фаъолияти содиротии субъектҳои соҳибкорӣ ба рақобатпазирии онҳо дар бозорҳои хориҷӣ таъсири мусбат мерасонад. Муайян карда шуд, ки баланд шудани дараҷаи шаффофияти бозори мол байни давлатҳои мутараққӣ ва рӯ ба тараққӣ боиси ихтилофоти муайяне гардид, ки бо тақсимоти нобаробари манфиатҳои либерализатсия дар байни ин иштирокчиён алоқаманданд **[1- М, 3-М]**.

2. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо хусусиятҳои хоси иқтисодиаш бояд механизми самарабахши ҳавасмандгардонии содирот таҳия карда шавад, ки сохтори содиротро беҳтар намуда, мавқеи маҳсулоти тайёри дорои арзиши иловагии баландро дар он зиёд намояд. Бо дарназардошти таҷрибаи беҳтарини кишварҳои хориҷӣ пешниҳод менамоем, ки ҷиҳати гуногунҷабҳасозии содирот ва васеъ намудани ҷуғрофияи он ба хориҷи кишвар тадбирҳо андешида шавад. Дар ин ҷо кам кардани вазни қиёсии ашёи хоми содиршаванда бо назардошти ташкили истеҳсоли маҳсулоти

тайёр дар дохили мамлакат аз ҳисоби ба кор андохтани иқтидорҳои нави истеҳсолӣ ё нав кардани базаи технологии корхонаҳои мавҷуда хеле муҳим аст, ки имкон медиҳанд, молҳое, ки ба стандартҳои байналмилалӣ мувофиқанд, истеҳсол гарданд **[3- М, 5- М]**.

3. Барои таҳияи механизми молиявии дастгирии содирот зарур аст, ки дар ҷумҳурӣ механизми воқеии фаъолияткунандаи қарздиҳии содиротӣ дар заминаи институтҳои молиявии мавҷуда ё ташкили муассисаи нави молиявии махсусгардонидашуда дар ин самт таъсис дода шавад. Дар баробари ин, бо дарназардошти таҷрибаи Ҷумҳурии Белорус, ки барои Тоҷикистон бештар мувофиқ аст, зарур аст, ки чунин воситаҳои молиявӣ барои дастгирии содирот, аз қабили лизинги байналмилалӣ ва факторинг таҳия карда шаванд **[3- М]**.

4. Такмили механизми кӯмаки иттилоотию машваратӣ ба содирот, тавассути баланд бардоштани нақш ва аҳамияти Палатаи савдо ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин самт ё дигар вазорату идораҳои ваколатдори ҷумҳурӣ самти муҳими ҳавасмандгардонии содирот мебошад. Инчунин омили муҳими ҳавасмандгардонии содирот ин таҳкими ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тамоми кишварҳои узви СУС бо истифода аз имкониятҳои мавҷуда дар доираи низоми мусоидтарин ва низоми миллии СУС мебошад **[5- М, 8- М]**.

5. Аксари кишварҳои ҷаҳон содиротро дар доираи узвиятдар СУС асосан тавассути ташаккули фазои мусоиди макроиқтисодӣ, фароҳам овардани шароити зарурӣ барои рушди истеҳсолоти ба содирот нигаронидашуда ва пешбурди он дар бозорҳои хориҷӣ ҳавасманд мекунанд. Ин самт барои Тоҷикистон афзалтар аст, зеро он ба қоидаҳои танзими тиҷорат дар доираи СУС мувофиқат мекунад **[2- М, 6- М].**

6. Дар давоми солҳои истиқлолият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шумораи зиёди санадҳои қонунгузорӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи фаъолияти савдои хориҷӣ таҳия ва татбиқ карда шуданд, ки дар онҳо ба масъалаҳои пешбурди содирот аҳамияти муҳим дода шудааст. Аммо имтиёзҳои пешбинишуда ба афзоиши содироти кишвар таъсири ҷиддӣ нарасонданд. Барои Тоҷикистон таҳия ва татбиқи стратегияи нави рушди содиротро бо муайян намудани ҳадафу вазифаҳои асосии ҳавасмандгардонии фаъолияти содирот, мушаххас кардани бозорҳои асосии молҳои ватанӣ дар хориҷа ва воситаҳои дастгирии молиявию ғайримолиявиро муҳим мешуморем **[3- М, 5- М].**

7. Сиёсати пешбурди содирот бояд дар низоми сиёсати савдои хориҷии кишвар мавқеи муҳимро ишғол намояд, сарфи назар аз он, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон содирот яке аз афзалиятҳои асосии рушди иқтисодӣ ба ҳисоб меравад. Дар асоси ин, барои ҳавасмандгардонии минбаъдаи содирот, такмил додани низоми пешбурди содирот, андешидани тадбирҳо ҷиҳати тавсеаи воситаҳои дастгирии содирот, ки воқеан ба афзоиши содироти мол ва хизматрасонӣ ба хориҷа мусоидат мекунанд, зарур аст **[6- М, 3- М].**

8. Барои таъмини рушди устувори фаъолияти содиротӣ ва баланд бардоштани самаранокии он шаклу механизмҳои инноватсионии ҳавасмандгардонии содирот дар доираи сиёсати тиҷорати хориҷии кишвар таҳия ва татбиқ карда шаванд, ки имкон медиҳанд заминаи ташкилию ҳуқуқии танзими содиротро такмил диҳанд. Дар ин ҳолат мавқеи муҳимро механизми институтсионалии ҳавасмандгардонии содирот бояд иҷро намояд, ки тамоми масъалаҳои марбут ба ташаккули муҳити самарабахши рақобат барои содиркунандагони кишвар, таъмини рақобатпазирии онҳо дар бозорҳои хориҷӣ ва такмили инфрасохтори рушди содиротро дар бар мегирад **[8- М, 6- М]**.

9. Сарфи назар аз он, ки пешбурди содирот дар назари аввал омили асосии рақобатпазирии маҳсулоти миллӣ мебошад, вале масъалаҳои гуногунҷабҳасозии он таҳияи барномаҳои комплексии ислоҳоти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистонро тақозо мекунанд. Ин тақвият додани амалҳоро дар ҳамаи сатҳҳои ташкили муносибатҳои иқтисодӣ, такмили дидгоҳи стратегии истеҳсолкунандагон ва содиркунандагон, ба даст овардани малакаҳои роҳбарӣ, идоракунии тағйирот, рушди ҳамкорӣ ва ҳамоҳангсозии амалҳоро байни ҳамаи ҷонибҳои манфиатдор дар ин самт тақозо мекунад **[7- М]**.

**Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо.**

Истифодаи тавсияҳои амалии зерин метавонад самаранокӣ ва амалкарди истифодаи механизми ташкилию иқтисодии пешбурди содиротро дар шароити узвияти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Созмони умумиҷаҳонии савдо таъмин намояд.

1. Самтҳои муҳими рушди иқтидори содиротии кишвар ин баланд бардоштани ҷолибияти сармоягузории мамлакат дар маҷмӯъ ва бахусус минтақаҳои он, эҷоди симои мусбати истеҳсолкунандагони муваффақи молҳои кишвар мебошад. Ҳамчунин зарур аст, ки заминаи меъёрии ҳуқуқии танзими фаъолияти савдои хориҷӣ дар сатҳи давлатӣ ва байниидоравӣ бо назардошти ислоҳоти доимии стратегияи рушди фаъолияти тиҷорати хориҷии кишвар вобаста ба шароит ва мушкилоти мавҷуда дар бозори ҷаҳонии мол ва хизматрасонӣ такмил дода шавад **[6- М, 8- М]**.

2. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти хусусиятҳои рушди иқтисодиёти кишвар, зиёдатии захираҳои меҳнатӣ дар дохили кишвар, хусусияти ашёи хом содироткунӣ ва иқтидори истифоданашудаи саноат стратегияи ба рушди содирот нигаронидашуда аҳамияти махсус дорад. Ба даст овардани чунин стратегия аз ҳисоби рушди истеҳсолоти меҳнатталаб, ташкили тамоми равандҳои коркарди ашёи хом дар дохили кишвар, рушди корхонаҳои хурду миёна, истифодаи иқтидори минтақаҳои озоди иқтисодӣ, рушди дигар соҳаҳои ба нахи пахта ва металлҳои қиматбаҳо алоқаманд набуда, инчунин истифодаи ҳамаҷонибаи иқтидори сайёҳии кишвар ва ғайра имконпазир мегардад **[8- М, 4- М]**.

3. Диверсификатсияи фаъолияти содиротӣ мавқеи муҳимро дар рушди соҳаҳои иқтисоди миллӣ иҷро мекунад ва дар якчанд марҳила амалӣ мегардад. Дар марҳилаи якуми диверсификатсияи содирот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷуғрофияи содиротро васеъ намуда, истеъмолкунандагони нави молу хизматҳои истеҳсолшударо дар дохили кишвар пайдо кардан лозим аст. Марҳилаи дуюми диверсификатсияи содирот бояд ба рушди саноати коркард равона гардад. Марҳилаи сеюм метавонад ҳавасмандгардонии корро дар соҳаи инноватсия ва маблағгузорӣ ба сармояи инсонӣ таъмин созад. Диверсификатсияи дурусти содирот ба рушди саноати коркарди кишвар мусоидат намуда, барои иқтисодиёт заминаи мустаҳками инноватсиониро фароҳам меорад **[6- М, 5- М].**

4. Ба ҳаҷми воқеии содирот дар сатҳи макро доираи васеи омилҳои дохилӣ ва берунӣ, аз динамикаи истеъмоли дохилӣ ва сатҳи истифодаи иқтидорҳо то хусусиятҳои шартномаву созишномаҳои содиротӣ, ки ба мӯътадилсозии сатҳи нархҳо дар бозори ҷаҳонӣ нигаронида шудаанд, таъсир мерасонад. Дар диссертатсия бо мақсади ба даст овардани маълумоти боэътимод оид ба таъсири омилҳои инфиродӣ дар сатҳи макро, таҳлили регрессионӣ барои равшан кардани вазъи воқеии бахши содирот гузаронида шудааст. Ҳаҷми содирот ҳамчун тағирёбандаи вобаста ба ҳисоб гирифта шуда, сатҳи таваррум, қурби асъор, воридоти сармояи мустақими хориҷӣ ва ММД-и Тоҷикистон, ММД-и шарикони асосии тиҷоратӣ ҳамчун тағирёбандаҳои таъсиррасон гирифта шудаанд. Аз рӯи натиҷаҳои таҳлил ба хулосае омадан мумкин аст, ки барои афзоиши устувори содироти Тоҷикистон ҷиҳати баланд бардоштани рақобатпазирии он тавассути қабули стратегияи коҳиш додани таъсири омилҳои манфӣ ба динамикаи содироти кишвар тадбирҳо андешида шаванд. Азбаски сатҳи таваррум ва қурби асъор ба арзиши содирот таъсири манфӣ мерасонанд, ҳукуматро зарур аст, ки барои назорати таваррум чораҳо андешад, зеро солҳои охир сатҳи таваррум аз ҳадди ниҳоии худ қариб гузаштааст ва на танҳо арзиши содиротро барои истеъмолкунандагони хориҷӣ гаронтар мегардонад, балки арзиши аслии маҳсулоти содиротиро хеле баланд мебардорад, ки ба даромади содиркунандагон таъсири манфӣ мерасонад **[7- М, 3- М].**

5. Исбот шуд, ки содирот самти муҳими рушди фаъолияти иқтисодии хориҷии Тоҷикистон мебошад. Ҳавасмандгардонии содирот ба рушди иқтисодӣ мусоидат мекунад ва ҳаҷми он аз маҷмӯи тадбирҳои иқтисодӣ, аз ҷумла, рушди муносибатҳои тиҷоратӣ бо аксари кишварҳои узви СУС вобаста аст. Даромади содиротӣ манбаи муҳими маблағ барои пардохти қарзи беруна, ташкили захираҳои асъорӣ ва воридоти мол мебошад. Дар баробари ин, рушди фаъолияти тиҷорати хориҷии кишвар дар давраи дарозмуддат на танҳо аз тадбирҳои ҳавасмандгардонии рушди содирот, балки ба беҳтар намудани таркиби сифатии маҳсулоти содиротӣ низ вобаста аст. Барои таъмини рушди устувори иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳавасмандгардонии содироти маҳсулоти мураккабтар назар ба ашёи хом ба мақсад мувофиқтар аст **[5- М, 6- М].**

**Руйхати мақолаҳои нашрнамудаи муаллиф вобаста ба мавзуи диссертатсия.**

**а) Мақолаҳое, ки дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

[1-М] Гулзода, Ф.М. Теоретико-методологические основы совершенствования механизма стимулирования экспорта в условиях членства в ВТО / Ф.М. Гулзода, Д.Б. Кодирзода // Вестник Таджикского национального унверситета. - Душанбе: «Сино», 2022. - № 2. – С. 13-20.

[2-М] Гулзода, Ф.М. Зарубежный опыт стимулирования экспорта в условиях членства в ВТО / Ф.М. Гулзода, Д.Б. Кодирзода // Вестник РТСУ. – 2022. - № 1 (76). – С. 26-34.

[3-М] Гулзода, Ф.М. Институциональные основы стимулирования экспортной деятельности в условиях членства Республики Таджикистан в ВТО / Ф.М. Гулзода, Д.Б. Кодирзода // Вестник РТСУ. – 2022. - № 3-4 (78). – С. 23-37.

[4-М] Гулзода, Ф.М. Анализ динамики развития экспорта Республики Таджикистан в контексте ее членства в ВТО / Ф.М. Гулзода // Вестник ТНУ. - Душанбе: «Сино», 2023. - № 2. – С. 110-118.

[5-М] Гулзода, Ф.М. Методы и инструменты стимулирования экспорта в условиях членства Республики Таджикистан в ВТО / Ф.М. Гулзода, Д.Б. Кодирзода // Вестник ТНУ. - Душанбе: «Сино», 2023. - № 2. – С. 110-118.

[6-М] Гулзода, Ф.М. Методы стимулирования экспорта в условиях членства Республики Таджикистан в ВТО / Ф.М. Гулзода, Д.Б. Кодирзода // Вестник ТГУПБП: серия общественных наук. – 2023. - № 2 (95). – С. 131-143.

[7-М] Гулзода, Ф.М. Моделирование сценариев развития экспорта Республики Таджикистан в условиях членства в ВТО / Ф.М. Гулзода, Д.Б. Кодирзода // Финансово-экономический вестник. – 2023. - № 4/1 (38). – С. 5-16.

[8-М] Гулзода, Ф.М. Основные направления совершенствования механизма стимулирования экспорта Республики Таджикистан в условиях членства в ВТО / Ф.М. Гулзода // Финансово-экономический вестник. – 2023. - № 4/2 (39). – С. 394-405.

**б) Дигар маҷаллаҳо:**

[9-М] Гулзода, Ф.М. Современные тенденции и необходимость стимулирования экспорта Республики Таджикистан в условиях членства в ВТО / Ф.М. Гулзода / Мат. Ежегодной Межд. научно-практ. конф. «Современные проблемы экономики и менеджмента». – Воронеж: 26.10.2022. – С. 108-113.

[10-М] Гулзода, Ф.М. Совершенствование системы поддержки экспорта в условиях членства Республики Таджикистан в ВТО / Ф.М. Гулзода / Актуальные вопросы бухгалтерского учета, анализа и аудита в современных условиях: мат. респ. научно-практ. конф. – Душанбе: «МУТПТ», 28.03. 2023. – С. 230-234.

[11-М] Гулзода, Ф.М. Тенденции стимулирования экспортной деятельности в условиях членства РТ в ВТО / Ф.М. Гулзода, Д.Б. Кодирзода / Мат. Межд. научно-практ. конф.: «XIII Ломоносовские чтения. – Душанбе: 28-29.04.2023. Ч. II. МГУ. 2023. – С. 452-458.

## АННОТАЦИЯ

**к автореферату диссертации Гулзода Фаррух Махмадшо на тему «Организационно-экономический механизм стимулирования экспорта в условиях членства Республики Таджикистан во Всемирной торговой организации»**

**Ключевые слова**: экспорт, импорт, механизм стимулирования, мировой рынок, внешнеторговая политика, внешняя торговля, правила и принципы ВТО, импортозамещение, экспортные кластеры, либерализация, прогнозирование.

**Основная цель научной работы**. Цель диссертации является разработка организационно-экономического механизма стимулирования экспорта и обоснование путей его совершенствования в условиях членства Республики Таджикистан во Всемирной торговой организации.

**Методы исследования**. В диссертации использовались общенаучные методы, такие как: диалектический, систематический, исторический, функциональный, логический. Использовались специальные методы: структурно-функциональный анализ, экономико-статистический, монографический, специфические методы экономического исследования - анализ и обобщение, наблюдение, группировка, обобщение, сравнительный анализ и др.

**Полученные результаты и научная новизна исследования включают следующие аспекты:** исследованы теоретические основы организационно-экономического механизма стимулирования экспорта в условиях членства в ВТО и дано его авторское определение; раскрыты институциональные основы стимулирования экспортной деятельности; проведен анализ современного состояния и тенденций развития экспортной деятельности; обоснованы стратегические направления стимулирования экспорта в условиях Республики Таджикистан; выработаны научно-практические рекомендации по совершенствованию форм и инструментов механизма стимулирования экспорта и предложен алгоритм совершенствования институциональных основ функционирования предприятий-экспортеров отечественных товаров и услуг; разработан прогноз тенденций изменения экспорта Республики Таджикистан и сценарные условия его развития в условиях дальнейшей либерализации внешнеторговой деятельности в рамках ВТО.

**Рекомендации для практического использования**. Полученные результаты позволяют обосновать пути формирования организационно-экономического механизма стимулирования экспорта и его совершенствования в условиях членства Республики Таджикистан в ВТО.

**Область применения**. Основные положения и рекомендации, разработанные в диссертации, могут быть использованы государственными органами при разработке программ развития экспортного сектора в Республике Таджикистан, Министерством экономического развития и торговли Республики Таджикистан при разработке стратегии развития приоритетных отраслей экономики страны, совершенствования институциональных основ развития внешнеторговой деятельности предприятий сектора, а также возможностью их использования в качестве лекционного материала.

## АННОТАТСИЯ

**ба автореферати диссертатсияи Гулзода Фаррух Маҳмадшо дар мавзуи «Механизми ташкилию иқтисодии ҳавасмандгардонии содирот дар шароити узвияти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Созмони умумиҷаҳонии савдо»**

**Калидвожаҳо:** содирот, воридот, механизми ҳавасмандкунӣ, бозори ҷаҳонӣ, сиёсати савдои хориҷӣ, савдои хориҷӣ, қоидаҳо ва принсипҳои СУС, воридотивазкунӣ, кластерҳои содиротӣ, либерализатсия, пешгӯӣ.

**Мақсади асосии кори илмӣ.** Мақсади диссертатсия таҳияи механизми ташкилию иқтисодии ҳавасмандгардонии содирот ва асосноккунии роҳҳои такмили он дар шароити узвияти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Созмони умумиҷаҳонии савдо мебошад.

**Усулҳои тадқиқот.** Дар диссертатсия усулҳои умумии илмӣ, аз қабили: диалектикӣ, системавӣ, таърихӣ, функсионалӣ, мантиқӣ истифода шудаанд. Усулҳои махсус: таҳлили сохторӣ-функсионалӣ, иқтисодӣ-оморӣ, монографӣ, усулҳои мушаххаси тадқиқоти иқтисодӣ - таҳлил ва ҷамъбасткунӣ, мушоҳида, гурӯҳбандӣ, ҷамъбасткунӣ, таҳлили муқоисавӣ ва ғайра истифода шуданд.

**Натиҷаҳои бадастомада ва навоварии илмии таҳқиқот ҷанбаҳои зеринро дар бар мегирад:** асосҳои назариявии механизми ташкилию иқтисодии ҳавасмандгардонии содирот дар шароити узвият дар СУС таҳқиқ гардида, таърифи муаллифии он пешниҳод шудааст; заминаҳои институтсионалии ҳавасмандгардонии фаъолияти содиротӣ ҷудо карда шудаанд; таҳлили ҳолат ва тамоюлҳои рушди фаъолияти содиротӣ гузаронида шуд; самтҳои стратегии ҳавасмандгардонии содирот дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок карда шудаанд; тавсияҳои илмию амалӣ оид ба такмили шаклу воситаҳои механизми ҳавасмандгардонии содирот таҳия гардида, алгоритми такмили асосҳои институтсионалии фаъолияти корхонаҳои содироти молу хизматрасониҳои ватанӣ пешниҳод гардид; пешгӯии тамоюлҳои содироти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шартҳои рушди сенариявии он дар заминаи либерализатсияи минбаъдаи фаъолияти савдои хориҷӣ дар доираи СУС таҳия гардидааст.

**Тавсияҳо барои истифодаи амалӣ.** Натиҷаҳои бадастомада имкон медиҳанд, ки роҳҳои ташаккули механизми ташкилию иқтисодии ҳавасмандгардонии содирот ва такмили он дар шароити узвияти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар СУС асоснок карда шаванд.

**Соҳаи татбиқ.** Муқаррарот ва тавсияҳои асосие, ки дар диссертатсия таҳия шудаанд, метавонанд аз ҷониби мақомоти давлатӣ ҳангоми таҳияи барномаҳои рушди бахши содирот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми таҳияи стратегияи рушди соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёти мамлакат, такмил додани заминаҳои институтсионалии инкишофи савдои берунии корхонаҳои бахш, инчунин ҳамчун маводи дарсҳои лексионӣ истифода шаванд.

## ANNOTATION

**to the abstract of the dissertation of Gulzoda Farrukh Mahmadsho on the topic: «Organizational and economic mechanism for stimulating exports under the conditions of the Republic of Tajikistan's membership in the World Trade Organization»**

**Key words:** export, import, incentive mechanism, world market, foreign trade policy, foreign trade, WTO rules and principles, import substitution, export clusters, liberalization, forecasting.

**The main goal of scientific work.** The purpose of the dissertation is to develop an organizational and economic mechanism for stimulating exports and substantiate ways to improve it in the context of the Republic of Tajikistan's membership in the World Trade Organization.

**Research methods.** The dissertation used general scientific methods, such as: dialectical, systematic, historical, functional, logical. Special methods were used in dissertation: structural-functional analysis, economic-statistical, monographic, specific methods of economic research - analysis and generalization, observation, grouping, generalization, comparative analysis, etc.

**The results obtained and the scientific novelty of the study include the following aspects**: the theoretical foundations of the organizational-economic mechanism for stimulating exports under the conditions of WTO membership were investigated, the author's definition of the term of "export promotion" is given; the institutional basis of stimulating export activities is revealed; the analysis of the current state and trends in the development of export activities was carried out; the strategic directions for stimulating exports in the conditions of the Republic of Tajikistan were substantiated; the scientific and practical recommendations have been developed to improve the forms and tools of the mechanism for stimulating exports and the algorithm of improving the institutional foundations for the functioning of enterprises exporting domestic goods and services has been proposed; the forecast of trends in exports of the Republic of Tajikistan and scenario conditions for its development in the context of further liberalization of foreign trade activities within the WTO have been developed.

**Recommendations for practical use.** The results obtained make it possible to substantiate the ways of forming an organizational and economic mechanism for stimulating exports and improving it under the conditions of the Republic of Tajikistan's membership in the WTO.

**Application area.** The main provisions and recommendations developed in the dissertation can be used by government agencies when developing programs on the the export sector development in the Republic of Tajikistan, by the Ministry of Economic Development and Trade of the Republic of Tajikistan when developing a strategy for the development of priority sectors of the country's economy, improving the institutional framework for the development of foreign trade.